**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 371+378 (575.3)
ТКБ: 74.200+74.58 (2 тоҷик)
Р – 47**

**РАҶАБЗОДА ДИЛШОД АМИРАЛӢ**

# ХУСУСИЯТҲОИ ПЕДАГОГИИ МУТОБИҚШАВИИ ДОНИШҶӮЁН БА МУҲИТИ ТАЪЛИМӢ-ТАРБИЯВӢ ҲАМЧУН АСОСИ ИҶТИМОИШАВИИ ШАХСИЯТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9.
Назария ва методикаи ташкили фаъолияти
фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)**

**ДУШАНБЕ - 2026**

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ** | **Мансурова Ҷамила Сулаймоновна** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ |
| **Муқарризони расмӣ** | **Шарофзода Шавкат Аҳмад** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров |
| | **Ошимова Маҳбуба Машарифовна** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода |
| **Муассисаи пешбар** | **МДТ “Донишгоҳи давлатии Данғара”** |

Ҳимояи диссертатсия санаи «29» октябри соли 2026, соати 13:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 11/2, e-mail: sharifa.kotibova@mail.ru; тел.: 2276246; 55 999 31 20) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи шурои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (https://shurodis-prmatt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «25» сентябри соли 2026 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.п., дотсент** **Котибова Ш.П.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи тадқиқот.** Дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа масъалаи такмил ва инкишофи низоми тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси дар бозори дохилӣ ва берунии меҳнат рақобатпазир яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Мубрамияти масъала пеш аз ҳама бо номувофиқии мушоҳидашавандаи байни сатҳи воқеии тайёрии касбии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ва талаботи афзояндаи ҷомеа ба сифати фаъолияти омӯзгорон, инчунин бо зарурати ташаккули сифатҳои шахсӣ ва касбии устувори мутахассисони ҷавон шарҳ дода мешавад.

Айни замон, низоми таҳсилоти олии педагогии кишвар марҳилаи ислоҳот ва навсозии амикро аз сар мегузаронанд. Аз як ҷониб, дар ҷомеа ва бахусус дар соҳаи маориф зуҳури равандҳои буҳронӣ, ки бо паст будани сатҳи омодагии касбии омӯзгорони оянда алоқамананд, ба назар мерасад; аз ҷониби дигар, дурнамои рушду инкишофи иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат муайян шудааст, ки он имкониятҳои воқеии татбиқи дигаргуниҳои сифатиро дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар низоми таҳсилоти олӣ ва фаъолияти омӯзгорӣ, фароҳам меорад.

Мубрамии таҳқиқи хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир, пеш аз ҳама, ба дигаргуниҳои куллии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуқӯъ мепайванданд, вобаста аст. Ин дигаргуниҳо, дар навбати худ, ба низоми таҳсилот талаботи нав мегузоранд, ки аз он омода намудани мутахассисони рақобатпазир, дорои тафаккури интиқодӣ ва қобилияти мутобиқ шудан ба шароитҳои тағйирёбандаро тақозо мекунанд. Дар ин замина, мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ на танҳо ҳамчун раванди азхудкунии донишҳо ва малакаҳо, балки ҳамчун раванди фаъолонаи иҷтимоишавӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои шахсӣ, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва муоширатӣ баррасӣ мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши омилҳо ва шароитҳое, ки ба мутобиқшавии бомуваффақияти донишҷӯён мусоидат мекунанд, инчунин, муайян намудани роҳҳои бартарафсозии мушкилоти мутобиқшавии дар ин раванд бавуҷудомада аҳаммияти калидӣ дорад.

Таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки моделҳои нави педагогии мутобиқшавии донишҷӯён, ки ба хусусиятҳои фардии онҳо, талаботи бозори меҳнат ва стандартҳои муосири таълимӣ ҷавобгӯ мебошанд, таҳия ва амалӣ карда шаванд. Ин, дар навбати худ, ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, таъмини рақобатпазирии хатмкунандагон дар бозори дохилӣ ва берунии меҳнат ва рушди устувори ҷомеа мусоидат хоҳад кард.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи нишондиҳандаҳои мутобиқшавӣ айни замон баҳснок боқӣ мемонад. Дар адабиёт муносибатҳои гуногунро ба муайян кардани меъёрҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ пайдо кардан мумкин аст. Аксари муҳаққиқон Реан А.А., Кудашев А.Р., Баранов А.А. ва дигарон, ки: ин ё он ҷанбаи иҷтимоишавиро мавриди омӯзиш қарор дода,

меъёрҳои онро ба ду гурӯҳи калон: «.. объективӣ ва субъективӣ муттаҳид мекунанд, ки онҳо вобаста ба ақидаҳои илмии муаллифон дар навбати худ низ ба категорияҳо тақсим мешаванд» [40].

Дар корҳои як қатор муҳаққиқон Л.С. Виготский [11], С.Л. Рубинштейн [42], Б.Г. Ананев [2], А.Н. Леонтев [30], масъалаҳои иҷтимоишавии шахс ба мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ба ақидаи В.С. Илин ва В.А. Никитин «...самаранокии раванди таҳсилот ва иҷтимошавии дурусти шахсият, аз он вобаста аст, ки донишҷӯ то чӣ андоза зуд ва бомуваффақият ба шароити нави муҳити иҷтимоӣ мутобиқ мешавад» [36].

Файласуф Г.И. Сарегородсев: «..мутобиқатшавии иҷтимоиро ҳамчун яке аз қонуниятҳои ҳаёти ҷамъиятӣ медонанд, ки зимни он фаъолияти фаъоли дигаргунсозии одамон ва раванди дутарафаи созгоршавии низоми биологӣ ба муҳити атроф ва мутобиқсозии фаъолонаи муҳит ба амал меоянд» [50]. В.В. Антипов [5], М.И. Бобнева [9], Р.Ф. Ихсанов [37], А.Л. Журавлев [16], А.Н. Леонтев [30], А.В. Петровский [36], Е.В. Шорохова [55] чунин мешуморанд, ки: «...раванди мутобиқати иҷтимоиро аз тариқи хусусият ва самтҳои шахсиятии фард таҳлил кардан зарур аст. Маҳз дар ҳамин замина кор оид ба фардикунонии раванди мутобиқшавӣ ба роҳ монда мешавад». Мутахассисони соҳаи педагогика ва психологияи иҷтимоӣ, аз қабили: И.З. Коган Е.С. Кузмин [22], Б.Д. Паригин [34], А.А. Реан [41], А.Л. Свенцицкий [43] ва дигарон, мутмаинанд, ки «…маҳз хусусияти хоси фаъолияти инсон оид ба тағйир додани муҳити атроф раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ мебошад» [34, 40].

Барои ҳалли масъалаи мазкур заминаҳои назариявӣ ва амалӣ дар илми педагогӣ ҳанӯз вуҷуд надоранд. Масъалаҳои донишҷӯёни ба раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ асосан дар маҷрои мутобиқшавии иҷтимоӣ аз ҷониби илми педагогии россиягӣ (Д.А. Андреева [4], П.А. Просецкий[35], Г.И. Сарегородсев [50], ва диг.) мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз нуқтаи назари хусусиятҳои физиологӣ он дар корҳои В.М. Дугинетс [15], И.А. Зимняя [19] ва дигарон таҳқиқ шудааст.

Дар таҳқиқоти педагогию психологии солҳои охир тамоюли таҳияи роҳҳои мутобиқшавии донишҷӯён ба таҳсилоти олӣ аз тариқи омилҳои беруна ва ботинии самаранокии он ( В.В. Лагерев [29], А.Л. Журавлев [16] ва диг.) ба мушоҳида расида, «…масъалаҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум дар як қатор корҳои бахшида ба масъалаи муваффақиятнокии фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» (А.С. Агафонова [1], А.А. Реан [41], А.А. Смирнов [47], В.А. Якунин [56] ва диг.) ҷузъан дахл карда шудааст.

Педагогҳо В.Н. Грибов, В.М. Дугинетс ва дигарон чунин мешуморанд, ки «…дар раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ шахсият ба намудҳои гуногуни фаъолият, инчунин ба объектҳои олами моддӣ мутобиқ мешавад»» [13], [15].

Дар корҳои муҳаққиқон В.С. Олейников «...масъалаҳои назариявии: раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ ҳамчун раванди азхудкунии таҷрибаи ҳаёти иҷтимоӣ» [32]; Г.Б. Андреева: «…аз рӯи имкон инкишоф додани реҷаи оптималии фаъолияти максадноки шахсият, яъне расонидани он ба шароити мушаххаси замон ва макон» [4]; И.А. Зимняя: «…мутобиқшавии иҷтимоӣ ҳамчун

раванди фаъол, мақсаднок, дигаргунсозанда, ки дар асоси фаъолияти фикрӣ ва худшиносӣ, ҳамчун омилҳои дарки олам ва мавҷуд будани худ аз ҷониби шахсият сурат мегирад» [19]; И.В. Ширяев: «…консепсияи мутобиқшавии иҷтимоӣ барои бартараф кардани мушкилоти муайян аз тариқи кӯшиши шахс» [53]; Ю.Н. Колесников: «...мутобиқшавии иҷтимоӣ ҳамчун раванди «болошавии фард» ба маҷмуи нақшҳо ва шаклҳои фаъолият мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд» [23] ва дигарон.

Дар корҳои як қатор муҳаққиқон М. Лутфуллоев [311], Атохонов Р. [17], Х. Раҳимзода [39], Н.Н. Шоев [54], Л.М. Иматова [21], Ш.П. Котибова [26], Қ. Худойқулова [51] ва дигарон масъалаҳои иҷтимоишавӣ ва мутобиқшавии шахс ба муҳити таълиму тарбия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Тавре таҳлили дараҷаи мавзуи таҳқиқоти мазкур нишон дод, дар шароити ҷорикунии стандартҳои нави таҳсилоти олии касбӣ, ки талаботи навро барои таълими касбӣ муайян мекунад, кор оид ба мутобиқсозии донишҷӯѐни курси якум ба раванди таълимӣ бояд ба муайян ва ошкор намудани мушкилоти мутобиқшавии онҳо, таҳияи низоми тадбирҳои мутобиқшавие такя намояд, ки имкон медиҳанд дар мӯҳлатҳои кӯтоҳ донишҷӯѐни курси якум ба фаъолияти фаъоли маърифатие ворид карда шаванд, ки дар онҳо қобилияти ҳалли мустақилонаи вазифаҳои таҳсилотӣ ва касбиро ташаккул медиҳад. Аммо то ҳанӯз дар адабиѐти илми педагогикаи тоҷик, ба ғайр аз чанд мақола, низоми илман асоснокшудаи амалҳое, ки имкон медиҳанд масъалаҳои мутобиқшавии донишҷӯѐни курси якум ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ зимни таълими фанҳои педагогӣ ҳаллу фасл карда шаванд, таҳия нашудааст.

Ҳамин тариқ, дар назария ва амалияи таҳсилоти олии педагогӣ **ихтилофот** миѐни зарурат ва талабот ба такмили раванди мутобиқшавии донишҷӯѐни курси якум ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсияти онҳо, аз як тараф, ва таҳияи нокифояи назариявӣ ва амалии ташкили ин раванд дар шароити муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ, аз тарафи дигар, ба вуҷуд меояд. Ихтилофи бавҷудомада бо номувофиқатии миѐни сатҳи аз ҷиҳати иҷтимоӣ муайяншудаи талаботи ба шахсият ва фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯи муосири мактаби олии омӯзгорӣ пешниҳодшаванда ва тайѐрии амалии онҳо ба он; талаботи муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар асосноккунии назариявӣ ва таъмини илмию методии таълими фанҳои педагогӣ дар курси якум, ки ба мутобиқшавии донишҷӯѐни курси якум ва баланд шудани нишондиҳандаҳоии таълимии онҳо мусоидат мекунад, муайян мешавад.

Аҳаммияти педагогию иҷтимоӣ ва таҳияи нокифояи назариявӣ **муаммои** тадқиқотро муайян карданд: ба кадом тариқ мақсад, мазмун ва технологияҳои таълими фанҳои педагогиро дар курси якум ташкил додан мумкин аст, то ки онҳо ба мутобиқшавии беҳтарини донишҷӯ ба раванди таҳсилоти олии омӯзгории педагогӣ мусоидат намоянд? Зарурати таҳқиқу таҳлилу баррасии масъалаи мазкур мавзуи тадқиқоти диссертатсиониро дар мавзуи: «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯѐни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» муайян намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки системаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандӣ дошта, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» - с. 2004, «Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумхурии Тоҷикистон» - с. 2002, «Консепсияи тарбияи Ҷумхурии Тоҷикистон» - с. 2006, ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин Барномаи давлатии тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи маориф мувофиқат дорад. Мавзӯи рисола бо лоиҳаҳои инноватсионии рушди таҳсилоти олӣ, ки ба баланд бардоштани сифати таълим ва мутобиқсозии муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба талаботи ҷомеаи муосир равона шудаанд, ҳамбастагӣ дорад. Тадқиқот ба татбиқи назарияҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар шароити муосири таҳсилоти олӣ мусоидат мекунад. Мавзӯи рисола бо таҳқиқоти илмии соҳаи психологияи педагогӣ оид ба мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯён ва рушди шахсияти онҳо робитаи зич дорад. Ин таҳқиқот ба барномаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва кураторони гурӯҳҳои донишҷӯён ҳамчун асоси илмӣ хизмат карда метавонад. Натиҷаҳои он дар лоиҳаҳои таъмини муҳити мусоиди иҷтимоӣ-психологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ татбиқшаванда мебошанд. Ҳамчунин, рисола бо самтҳои афзалиятноки тадқиқоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба иҷтимоишавӣ ва рушди шахсият мутобиқ аст. Дар маҷмӯъ, таҳқиқот ба татбиқи сиёсати давлатии рушди захираҳои инсонӣ ва таҳсилоти касбӣ-педагогӣ саҳм мегузорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар таҳқиқоти диссертатсионоӣ масъалаи хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир, мушкилоти фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва хусусиятҳои дастгирии иҷтимоӣ-психологии мутобиқшавии донишҷӯён мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вазъияти воқеии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла шаклу усулҳо ва самаранокии истифодаи онҳо мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** - муайянкунӣ ва асосноккунии хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир.

**Вазифаҳои таҳқиқоти** диссертатсияи пешниҳодшуда дар чунин бандҳо муайян гардидааст:

- баррасии назариявии вижагиҳои асосии таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бо мақсади ошкор намудани шароити педагогии мутобиқшавии раванди таълиму тарбия, инчунин муайян ва дақиқ намудани мафҳумҳои калидии дар доираи тадқиқот истифодашаванда: «мутобиқшавӣ», «иҷтимоишавӣ», «нишондиҳандаҳои иҷтимоишавӣ» ва муносибатҳои педагогию психологӣ ба тафсири онҳо;
- баррасии мушкилоти фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дар марҳилаи ибтидоӣ ва мутобиқи он таҳия ва татбиқ намудани маҷмуи шартҳои педагогии таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар низоми кори таълимию тарбиявӣ, ки ҳамчун асоси

иҷтимоишавӣ ва омили баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иҷтимоишавии онҳо хизмат мекунанд;

- баррасии масъалаҳои зарурӣ барои мутобиқсозии бомуваффақияти донишҷӯёни курси якуми муассисаи дастгирии иҷтимоӣ-психологӣ ва шароити педагогии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дар раванди таҳсилоти олии омӯзгорӣ ва таҳияи модели методии таълими фанҳои педагогӣ дар курси якум, ки ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавӣ ва омили баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иҷтимоишавии онҳо мусоидат мекунад;

- бо роҳи гузаронидани тадқиқоти эмпирикӣ санҷидани шароити иҷтимоӣ-педагогӣ, ки ҳамчун асоси иҷтимоишавӣ ва омили баланд бардоштани нишондиҳандаҳои фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯёни курси якум ба мутобиқшавии онҳо ба раванди таҳсилоти олии омӯзгорӣ мусоидат мекунад, ва дар асоси он пешниҳоди хулоса ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати беҳбуд бахшидан ба раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси аввали таҳсил ба раванди таҳсилоти олии омӯзгорӣ.

**Объекти таҳқиқот** - раванди мутобиқшавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ.

**Мавзуи таҳқиқот** - хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир.

**Фарзияи таҳқиқот** - мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дар асоси шароити мувофиқи педагогӣ самаранок гардида, рушди нишондиҳандаҳои иҷтимоишавии онҳоро таъмин мекунад, агар:

- раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун вазифаи махсуси таълими фанҳои педагогӣ, асоси иҷтимоишавӣ ва омили баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иҷтимоишавии онҳо муайян карда шавад;

- хусусиятҳои педагогии раванди мутобиқшавӣ ба таври ҳамаҷониба муайян ва таҳлил намудани монеаҳое, ки донишҷӯёни курси якум дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ дучор мешаванд, ҳаматарафа ошкор карда шавад;

- модели методии таълими фанҳои педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, ки ба ҳаматарафа тайёр кардани донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти ояндаи касбӣ нигаронида шудааст, таҳия карда шавад;

- заминаи меъёрии баҳодиҳии сатҳи мутобиқшавии донишҷӯён ба шароити таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ бар асоси сохтори ҷузъии хусусиятҳои педагогии шахсият муайян карда шавад, он гоҳ имкони арзёбии дақиқ ва ҳамаҷонибаи раванди мутобиқшавии онҳо таъмин мегардад;

- самаранокии модели таълими фанҳои педагогӣ, ки ҳамчун асоси иҷтимоишавии курси якум ба мутобиқшавии онҳо ба раванди таҳсилоти олии педагогӣ мусоидат мекунад, татбиқ гардад, хулоса ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати беҳбуд бахшидан ба мутобиқшавии онҳо ба раванди мазкур пешниҳод карда шавад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Тадқиқоти диссертатсионӣ дар се марҳила гузаронида шуд.

*Марҳилаи якум, муайянкунанда (солҳои 2019-2020)* - ба омӯзиши вазъи масъалаи мавриди баррасӣ дар адабиёти илмӣ ва амалияи муассисаи таҳсилоти олӣ бахшида шуда буд. Дар ин давра дастгоҳи ибтидоии категориалии таҳқиқот муайян карда шуда, таҷрибаи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ва муҳаққиқони алоҳида дар ҳалли масъалаи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум мавриди таҳлил қарор дода шуд; тасвиби ибтидоии модели методии таълими фанҳои педагогӣ дар курси якум таҳия ва гузаронида шуд, ки ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таҳсилоти муассисаи таҳсилоти олӣ мусоидат намуда, ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои таълимии онҳо нигаронида шудааст, инчунин, мушкилоте, ки дар донишҷӯёни курси якум дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ба вуҷуд меоянд, омӯхта шуданд.

*Дар марҳилаи дуюм, ташаккулдиҳанда (солҳои 2021-2023)* модели методии таълими фанҳои педагогӣ дар курси якум, ки ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таҳилотии муассисаи таҳсилоти олӣ мусоидат намуда, ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои таълимии онҳо нигаронида шудааст, мавриди татбиқ қарор дода шуд. Асосноккунии зарурати ҷорикунии амсилаи таҳияшуда ироа гардида, шароити фаъолияти амсила мавриди санҷиш қарор дода шуда, ҷамъоварӣ, коркарда ва таҳлилу арзёбии маводи бадастомада амалӣ карда шуданд.

*Дар марҳилаи сеюм, назоратӣ (солҳои 2024-2025)* вобаста аз таҷрибаҳои гузаронидашуда ва таҳлилу хулосаҳои илмӣ-методологии мавзуъ мазмуну мундариҷа дар доираи мақсадҳои гузошташуда марҳила ба марҳила аз нигоҳи омодагӣ ба татбиқи дастовардҳо бо иштироки донишҷӯён - омӯзгорони оянда, ки дар зинаҳои гуногуни таҳсилоти ду муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар аз рӯи ихтисосҳои омӯзгорӣ омодагӣ ба фаъолияти касбӣ доштанд, инчунин омӯзгороне, ки собиқаи кории аз 3 сол зиёд доштаанд, зери таҳлил ва хулосабарорӣ қарор гирифта шуданд, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти диссерптатсионӣ ҷамъбаст гардида, матни таҳқиқоти диссертатсионӣ мураттаб карда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** консепсияҳои табиатшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва педагогию психологӣ (Б. Г. Ананев, В. В. Антипов, Р. Ф. Ихсанов, А. В. Петровский, П. А. Просеский, В. Н. Соловев ва дигарон); назарияи психологии фаъолият (Л. С. Виготский, Н. Леонтев, С. Л. Рубинштейн ва диг.); муқаррароти пешбари назарияи фаъолияти таълимӣ (В. В. Давидов, В. А. Сластенин ва дигарон); консепсияҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ (В.А. Болотов, А.А. Орлов, О.А. Сергеева, В.В. Сериков, А.П. Тряписина ва дигарон) ташкил доданд.

Ҳамчун асоси назариявии тадқиқот инчунин муносибати низомнок ба омӯзиши падидаҳои педагогию психологӣ (И. В. Блауберг, Г. А. Ковалев, А. А. Реан, В. В. Антипов ва дигарон); муносибати салоҳиятнок ба таҳқиқи таҳсилот ҳамчун муносибати аксиологӣ дар омӯзиши масъалаҳои таълими касбии омӯзгорони оянда (Е. В. Бондаревская, Б. С. Гершунский, В. А. Сластенин ва диг.арон; корҳо оид ба методология, методҳо ва сохтори тадқиқоти педагогӣ В. И. Загвязинский, Атахонов Р., В. В. Краевский ва дигарон); консепсияи тарҳрезӣ ва амсиласозии педагогӣ (В. П. Беспалко, Е. С. Заир-Бек, И.А. Колесникова ва дигарон) хизмат карданд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ҷиҳати ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи тадқиқотӣ **методҳои** зерини тадқиқот истифода шуданд:

-*методҳои назариявӣ;* таҳлилу баррасии адабиёти фалсафӣ, методологӣ, педагогию психологӣ ва иҷтимоӣ оид ба мавзуи тадқиқот; таҳлилу баррасии илмӣ-методии мазмуни стандарти давлатии таҳсилоти олӣ ва миёнаи умумӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти махсус ва илмию оммавӣ, инчунин захираҳои интернет; моделсозии педагогӣ;

-*методҳои эмпирикӣ:* мушоҳидаи педагогӣ, пурсиш ва назарсанҷии шифоҳӣ ва хаттӣ, гузаронидани санҷиш (тест), суҳбатҳо бо ҳайати профессорону омӯзгорон, бо донишҷӯёни гурӯҳҳои таълимӣ (инфиродӣ ва ҷабҳавии эмпирикии тадқиқот.

**Сарчашмаи маълумот.** «Маҷмуи маълумоти таҳлилии хусусиятҳои хоси рушди шахсият дар зинаҳои гуногуни таҳсилот ва мазмуну мундариҷаи фазои инноватсионии таҳсилот» (А.В. Хуторский), «модел ва технологияҳои ташхиси педагогӣ, ташаккули маҳорати педагогӣ, назария ва амалияи лоиҳакашии педагогӣ» (В.В. Николина, В.П. Беспалко), инчунин корҳои олимони соҳаи педагогика ва психология, аз ҷумла Л.С. Виготский, С.Л. Рубинштейн, А.Н. Леонтев ва дигарон, ки масъалаҳои рушди зеҳнӣ, фаъолияти таълимӣ ва ташаккули шахсиятро мавриди таҳқиқ қарор додаанд, ҳамчун заминаҳои илмӣ-амалиявии таҳқиқот истифода гардиданд.

Ҳамчунин, хусусиятҳои ташкили корҳои тарбиявӣ ва фаъолгардонии раванди таълим, таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва дигар сарчашмаҳои илмӣ ба назар гирифта шуданд.

Илова бар ин, зимни муайян намудани мазмуну мундариҷаи технология ва моделҳои пешниҳодгардида, дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, инчунин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилот, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ» мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ**. Заминаи эмпирикии таҳқиқотро таҳлил ва мушоҳидаи раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии ҷумҳурӣ ташкил медиҳад. Таҳқиқот дар шакли пурсишномаҳо, мусоҳибаҳо ва мушоҳидаҳои педагогӣ гузаронида шуда, дар маҷмӯъ 400 нафар донишҷӯён ва 20 нафар омӯзгоронро дарбар гирифт.

Аз ҷумла, 200 нафар донишҷӯён дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва 200 нафар дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба таҳқиқот ҷалб карда шуданд.

Дар раванди таҳқиқот нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ муайян карда шуданд. Натиҷаҳои бадастомада имкон доданд, ки самаранокии модели педагогии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ арзёбӣ гардида, тавсияҳои илмӣ-амалӣ таҳия карда шаванд.

Пойгоҳи тадқиқотро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ташкил медиҳанд, ки дар онҳо тадқиқоти озмоишӣ амалӣ гардид.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст:

- мушаххасоти асосӣ ва мазмуни аслии мафҳуми «мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» муайян карда шуд;
- дар сатҳи зарурӣ ворид шудани донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти таълимӣ - тарбиявӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар баланд бардоштани самаранокии иҷтимошавии онҳо ба раванди таҳсилот нишон дода шуд;
- модели методии таълими фанҳои педагогӣ барои курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, ки ба ҳаматарафа тайёр кардани донишҷӯёни курси якум нигаронида шудааст, таҳия карда шуд;
- заминаи меъёрии баҳодиҳии сатҳи мутобиқшавии донишҷӯён ба шароити таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ бар асоси сохтори ҷузъии хусусиятҳои педагогии шахсият муайян карда шуда. арзёбии дақиқ ва ҳамаҷонибаи раванди мутобиқшавии онҳо таъмин гардид;
- самаранокии модели таълими фанҳои педагогӣ, ки ҳамчун асоси иҷтимоишавии курси якум ба мутобиқшавии онҳо ба раванди таҳсилоти олии педагогӣ мусоидат мекунад, татбиқ гардида, хулоса ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати беҳбуд бахшидан ба мутобиқшавии онҳо ба раванди мазкур пешниҳод карда шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Муайян карда шуд, ки мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум раванди мураккаби иҷтимоӣ-педагогӣ буда, аз азхудкунии талаботи таълим, ташаккули арзишҳои маърифатӣ, рушди малакаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва касбӣ, инчунин ташаккули қобилияти худназоратӣ ва худбаҳодиҳӣ иборат мебошад.
2. Муқаррар гардид, ки мутобиқшавии босамари донишҷӯёни курси якум тавассути ҷалби фаъоли онҳо ба фаъолияти таълимӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ таъмин гардида, ба иҷтимоишавӣ, рушди малакаҳои ташкилӣ, коммуникативӣ ва касбӣ, инчунин баланд гардидани ҳавасмандии таълимӣ мусоидат мекунад.
3. Асоснок карда шуд, ки мутобиқшавии устувор ва самараноки донишҷӯёни курси якум дар асоси маҷмӯи шартҳои педагогӣ, аз ҷумла ҳамкории созандаи омӯзгор ва донишҷӯ, фаъолияти дастаҷамъона, фароҳам овардани муҳити мусоиди таълимӣ, дастгирии эҷодӣ ва рушди худбаҳодиҳӣ ва худидоракунӣ таъмин мегардад.
4. Таҳия ва исбот карда шуд, ки модели методии таълими фанҳои педагогӣ, ки ба усулҳои муосири таълим, муносибати муколамавӣ, технологияҳои дастгирӣ ва ҳамроҳӣ, инчунин ҳамкории фаъол асос ёфтааст, самаранокии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якумро баланд мебардорад. Самаранокии он тавассути низоми меъёрҳои арзишӣ-ҳавасмандӣ, маърифатӣ, ташкилӣ ва рефлексивӣ тасдиқ гардид.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз муайян намудани мафҳуми «мутобиқшавӣ» нисбат ба шароити педагогии таълими донишҷӯёни соли якуми

таҳси дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ; низомбандии муносибатҳои назариявӣ ба таҳқиқи иҷтимоишавии донишҷӯёни курси якум дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсияти онҳо; муайян кардани унсурҳои соҳаҳои дидактикӣ, педагогӣ, коммуникативӣ, маишӣ, фароғатӣ ва ғайра; муайян намудани захираи рушддиҳандаи шахсияти донишҷӯи курси якум дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётӣ; таҳияи алгоритми бомуваффақияти донишҷӯёни курси якум дар муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ; ташаккулёбии маҳорату малакаҳои мутобиқ ба таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ; муайян кардани мушкилоти донишҷӯёни курси якум дар муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ иборат мебошад. Хулосаю натиҷагириҳои дар тадқиқот баёнгардида тасаввуротро дар бораи хусусиятҳои иҷтимоишавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ пурра мекунанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз имконияту зарурати татбиқи васеи маҷмуи шароити педагогӣ ва метод, барномаҳо ва технологияҳои таҳияшудаи донишҷӯёни курси якуми таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ ба раванди таълимӣ дар он бо мақсади баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иҷтимоишавии шахсият иборат мебошад. Натиҷаҳои кори мазкур ба пешгирии иҷтимоишавии нодурусти донишҷӯи курсҳои аввал дар шароити қарор гирифтанаш дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ, ташхиси барвақтии иҷтимоишавии нодурусти шахсияти ӯ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ояндаи касбиаш нигаронида шудаанд. Муқаррароти асосии тадқиқот, далелҳо ва хулосаю натиҷагириҳои онро дар раванди таҳияи моделҳои иҷтимоишавии шахсият дар муассисаҳои таҳсилоти равияҳои гуногун истифода кардан мумкин аст. Мавод ва натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот метавонанд ҳамчун асоси курсҳои умумии лексионӣ ва курсҳои махсус хизмат карда, дар кори таҳсилӣ-фаъолиятӣ бо донишҷӯёни курси якуми муассисҳои таҳсилоти олии педагогӣ, дар курсҳои такмили ихтисосии муассисаҳои таҳсилоти олӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Дараҷаи этимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** бо истифодаи доираи васеи манбаъҳои илмӣ, таҳлилу баррасии онҳо, инчунин мутобиқати методҳои дар тадқиқот истифодашуда ба мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқи кори диссертатсионӣ, низоми мавод ва далелҳои ҷамъоварӣ ва ҷамъбастшуда, бо кори мантиқи тадқиқоти эмпирикии иборат аз озмоишҳо дар марҳилаҳои муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ, бо мутобиқати арзёбии маълумоти бадастомада дар марҳилаҳои гуногуни тадқиқоти эмпирикӣ ва коркарди сифатию миқдории онҳо, бо экспертизаи мустақил, бо тасдиқи фарзияи пешниҳодшудаи тадқиқотӣ бо натиҷаҳои тадқиқоти эмпирикӣ ва таҳлили илмӣ таъмин шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-

педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии довталаб дар он ифода меёбад, ки дар ҷараёни таҳқиқот модели педагогии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун омили асосии иҷтимоишавии шахсият таҳия ва ба таври таҷрибавӣ санҷида шудааст. Довталаб мустақилона интихоби мавзӯъ, муайян намудани масъалаи илмӣ, таҳияи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти эмпирикиро анҷом додааст.

Дар натиҷаи таҳқиқот меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои педагогӣ, иҷтимоӣ ва психологии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум муайян гардида, самаранокии модели пешниҳодшуда исбот карда шуд. Ҳамзамон, тавсияҳои илмӣ-амалӣ, ки ба такмили фаъолияти кураторҳо, беҳсозии муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ва рушди ҳамкории иҷтимоӣ-педагогӣ равона шудаанд, таҳия гардиданд.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар раванди таълими фанҳои педагогӣ, фаъолияти кураторони гурӯҳҳои донишҷӯён ва низоми такмили ихтисоси омӯзгорон истифода шаванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ мавриди истифода қарор гирифта, дар амал санҷида ва тасдиқ шудаанд. Модели пешниҳодшуда дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ татбиқ гардида, самаранокии он дар баланд бардоштани сатҳи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ва нишондиҳандаҳои таълимии онҳо исбот шудааст.

Муқаррароти асосии таҳқиқот дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ баррасӣ ва пешниҳод гардидаанд, аз ҷумла дар конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ (шаҳри Душанбе, 29 марти соли 2025) ва конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (шаҳри Душанбе, соли 2025). Инчунин, натиҷаҳо дар семинарҳо ва мизҳои мудаввари илмӣ бо иштироки омӯзгорон муҳокима гардида, тавсияҳо барои татбиқи онҳо дар амал пешниҳод шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ нашр гардидаанд, аз ҷумла:

- «Мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълим: мазмун ва роҳҳои бартарафсозии мушкилот»;
- «Мазмун ва мушкилоти мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ва роҳҳои ҳалли онҳо»;
- «Пешвои миллат ва саҳми ӯ дар эҳё ва рушди фарҳангу тамаддуни тоҷикон»;
- «Омилҳо ва ҷанбаҳои психологии тундгароӣ дар байни ҷавонон».

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7-тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», се боб, бахши «Хулосаҳо», «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Рӯйхати адабиёт» бо

зербахшҳои «Рӯйхати адабиёти истифодашуда» ва «Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия» ва бахши «Замимаҳо» иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 180 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, 1 расм, 13 диаграмма ва 17 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Дар ҳар се боби диссертатсия рақамгузории расму диаграмма ва ҷадвалҳо умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт аз 213 номгӯй иборат аст. Дар охири диссертатсия бахши замимаҳо оварда шудааст, ки дар он барномаи семинартренинг, анкета пурсишнома барои омӯзгорон ва донишҷӯён ва санадҳо оид ба татбиқи натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар раванди таҳсилот ҷой дода шудаанд.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Муқаддимаи диссертатсия** баасоснокнамоии аҳамияти мавзӯи таҳқиқот, муайяннамудани объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои он, тайини асосҳои методологӣ, марҳала ва методҳои таҳқиқот, муайян гардидани навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда бахшида шудааст.

**Дар боби аввал** «Асосҳои назариявии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ дар зинаи олии омӯзгорӣ» заминаҳои илмӣ ва методологии таҳқиқот баррасӣ гардидаанд. Нишон дода мешавад, ки таҳсилоти олии педагогӣ дар шароити муосир ҳамчун муҳити ташаккули шахсияти касбии омӯзгори оянда баромад менамояд. Тавре ки таъкид мегардад: «пешрафти ислоҳоти низоми тайёр кардани омӯзгорон аз сифати интихоби ихтисос аз ҷониби довталабон ва ҳамчунин аз дараҷаи мутобиқшавии онҳо ба муҳити таълим вобастагии калон дорад» [28] .

**Дар зербоби якум** «Хусусиятҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар шароити муосир» хусусиятҳои асосии ин низом таҳлил карда мешаванд. Дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ки таҳсилоти омӯзгорӣ бояд пеш аз ҳама ба рушди тафаккури эҷодии донишҷӯён, яъне ба ташаккули қобилияти мустақилона баррасӣ, таҳлил ва арзёбии интиқодии масъалаҳои марбут ба соҳаҳои гуногуни дониш равона карда шавад. Маҳз чунин мустақилияти тафаккур заминаи омодагии омӯзгориояндаро ба фаъолияти инноватсионӣ ва рушди муттасили касбӣ ташкил медиҳад. Р. А. Атахонов таъкид менамояд, ки «ташаккули омодагии касбии омӯзгор бе рушди қобилияти ӯ ба дарки мустақилона ва интиқодии воқеияти педагогӣ имконнопазир аст» [17].

Ҳамзамон, нақши фанҳои педагогию психологӣ дар ташаккули шахсияти донишҷӯ асоснок карда мешавад. Чунончӣ, таъкид мегардад, ки онҳо ба «рушди малакаи муколама ва тафаккури муколамавӣ дар байни донишҷӯён» мусоидат менамоянд [13]. Ин раванд барои ташаккули қобилиятҳои коммуникативӣ ва ҷаҳонбинии касбии омӯзгори оянда аҳамияти калон дорад.

Дар таҳқиқот масъалаи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум низ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Тавре ки қайд мегардад: «мутобиқшавии ҷавонон ба ҳаёти донишҷӯӣ раванди бисёрҷанба, мураккаб ва душвор аст» [6,

с. 366]. Ҳамчунин нишон дода мешавад, ки сатҳи мутобиқшавӣ ба самаранокии раванди таълим таъсири мустақим мерасонад [18, с. 64-67].

Ҳамин тариқ, дар боби аввал асосҳои назариявии таҳқиқот муайян гардида, аҳамияти мутобиқшавии донишҷӯён ҳамчун шарти муҳими ташаккули касбии онҳо асоснок карда мешавад.

**Дар зербоби дуюм** «Мафҳумҳои ―мутобиқшавӣ” ва ―мутобиқшавии иҷтимоӣ” дар консепсияҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» мазмун ва моҳияти ин категорияҳо мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Нишон дода мешавад, ки мутобиқшавӣ ҳамчун раванди мураккаби ҳамоҳангсозии шахс бо муҳити иҷтимоӣ ва таълимӣ баромад намуда, ташаккули арзишҳо, таҷрибаи иҷтимоӣ ва қобилияти танзими рафторро дар бар мегирад .

Дар таҳқиқот таъкид мегардад, ки «мутобиқшавии иҷтимоӣ, ҳарчанд як раванди доимӣ аст, бо муҳити инсон ва марҳилаҳои дигаргуниҳои ҷиддие, ки дар ҳаѐти шахс рух медиҳанд, робитаи қавӣ дорад» [1]. Ҳамзамон, мутобиқшавӣ ҳамчун раванди бисѐрҷанба арзѐбӣ шуда, дар он «ҳамоҳангсозии шахсият бо муҳити атроф ва ташаккули робитаи мутақобилаи онҳо» муҳим шуморида мешавад [53].

Дар асоси таҳлилҳои луғавӣ ва илмӣ муайян мегардад, ки мутобиқшавӣ «раванди таъсири мутақобилаи инсон ва муҳити атроф буда, ба ташаккули стратегияҳои рафтори мувофиқ ба шароити тағйирѐбанда оварда мерасонад» [56, с.12]. Ҳамзамон, он ҳамчун «мувозинати байни инсон ва муҳити беруна» тавсиф мегардад, ки барои фаъолияти пурраи шахсият шарти муҳим мебошад [56].

Дар зербоб саҳми олимони классикии иҷтимоӣ-педагогӣ ва психология низ таҳлил шудааст. Аз ҷумла, В.Н. Соловьев мутобиқшавиро бо таъсири меъѐрҳои иҷтимоӣ алоқаманд намуда, таъкид мекунад, ки «далелҳои иҷтимоӣ дорои хусусияти объективӣ буда, ба рафтори шахсият таъсири маҷбуркунанда мерасонанд» [48, с.55]. А.А. Реан бошад, мутобиқшавиро ҳамчун раванди ратсионалии танзими рафтор баррасӣ намуда, онро бо «амали ратсионалии мақсаднок» мепайвандад [41, с.88].

Дар таҳқиқот махсусан мутобиқшавии донишҷӯѐни курси якум ҳамчун раванди мураккаб ва бисѐрсатҳа баррасӣ гардидааст. Қайд мегардад, ки «мутобиқшавии ҷавонон ба ҳаѐти донишҷӯӣ раванди бисѐрҷанба, мураккаб ва душвор аст» [6, с.366], ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ-психологӣ, дидактикӣ ва шахсиятиро дар бар мегирад.

Ҳамзамон, дар асоси таҳлил муайян мегардад, ки мутобиқшавӣ марҳилавӣ сурат мегирад: давраи ибтидоии шиносоӣ, мутобиқшавии нисбӣ ва мутобиқшавии устувор, ки бо ҳамгироии пурраи шахсият ба муҳити таълимӣ анҷом меѐбад. Ин раванд ба омилҳои гуногун, аз ҷумла сатҳи омодагии донишҷӯ, хусусиятҳои инфиродӣ ва шароити педагогӣ вобаста мебошад [56].

Дар натиҷа хулоса карда мешавад, ки мутобиқшавии самараноки донишҷӯѐни курси якум шарти муҳимми ташаккули шахсияти касбӣ, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди таълим мебошад.

**Дар зербоби сеюм** «Хусусиятҳо ва шароити мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯёни курси якум дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» хусусиятҳои раванди мутобиқшавии донишҷӯён дар шароити муҳити нави таълимӣ таҳлил гардидаанд. Нишон дода мешавад, ки мутобиқшавӣ дар ин марҳила бо гузариш ба низоми нави таълим, афзоиши талабот ба мустақилият ва тағйири шаклу усулҳои омӯзиш алоқаманд мебошад .

Қайд мегардад, ки мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯён раванди фаъол ва динамикӣ буда, тавассути ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ ва дарки мавқеи шахс дар муҳити муассисаи таҳсилоти олӣ амалӣ мегардад. Дар ин замина таъкид мешавад, ки «мутобиқшавӣ созгоршавии организм ба шароити доимо тағйирёбандаи муҳити атроф мебошад» [7].

Аз таҳлили маълумот бармеояд, ки давраи аввалини таҳсил барои донишҷӯён душвортарин буда, «дар раванди фаъолияти таълимӣ мушкилот ба вуҷуд омада, қолабҳои (стереотипҳои) онҳо тағйир меёбанд» [7.-М]. Ҳамзамон, донишҷӯён ба мушкилоти мутобиқшавӣ, аз ҷумла ба шаклҳои нави таълим, ҳаҷми зиёд ва суръати баланди пешниҳоди маводи таълимӣ дучор мегарданд [18, с. 21-23].

Муайян карда мешавад, ки мутобиқшавӣ ба омилҳои гуногун вобаста мебошад. Аз ҷумла, «қобилияти мутобиқшавӣ ба талаботи гуногуни муҳити зист бидуни ихтилоф бо муҳит» ҳамчун нишондиҳандаи муҳими ин раванд арзёбӣ мегардад [40, с. 11-12]. Ҳамчунин, мутобиқшавӣ ба сатҳи омодагии донишҷӯ, хусусиятҳои инфиродӣ ва шароити педагогӣ вобаста мебошад.

Дар таҳқиқот нақши дастгирии педагогӣ ва фаъолияти куратор ҳамчун омили муҳими мутобиқшавии донишҷӯён махсус таъкид мегардад. Қайд карда мешавад, ки куратор «донишҷӯёнро ба сӯи азхудкунии арзишҳои муассисаи таълимӣ ҳидоят менамояд» [29], инчунин барои ташкили муҳити мусоиди иҷтимоӣ-психологӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ шароити зарурӣ фароҳам меорад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки раванди мутобиқшавӣ марҳилавӣ сурат гирифта, давраҳои шиносоӣ, мутобиқшавии нисбӣ ва мутобиқшавии устуворро дар бар мегирад. Ҳамзамон, мушкилоти асосии донишҷӯёни курси якум ба омилҳои дидактикӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва касбӣ алоқаманд буда, метавонанд ба самаранокии раванди таълим таъсири манфӣ расонанд [32, с. 649-651].

Дар натиҷа хулоса карда мешавад, ки мутобиқшавии самараноки донишҷӯёни курси якум танҳо дар шароити идоракунии мақсадноки педагогӣ, дастгирии иҷтимоӣ-психологӣ ва ташкили муҳити мусоиди таълимӣ имконпазир буда, ҳамчун омили муҳимми ташаккули шахсияти касбии омӯзгори оянда баромад менамояд.

**Дар боби дуюм** «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якуми мактабҳои олии омӯзгорӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» омилҳои педагогӣ ва шароити таъмини мутобиқшавии самараноки донишҷӯён мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Нишон дода мешавад, ки мутобиқшавӣ ҳамчун раванди бисёромила ба омилҳои дидактикӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва шахсиятӣ вобаста буда, ба ташаккули шахсияти касбии омӯзгори оянда таъсири мустақим мерасонад . Тавре ки таъкид мегардад: «мушкилоти мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба тағйири шаклу

усулҳои таълим, афзоиши талабот ба мустақилият ва норасоии малакаҳои худидоракунӣ алоқаманд мебошанд» [1, с. 185].

**Дар зербоби якуми боби дуюм** «Мушкилоти фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва хусусиятҳои дастгирии иҷтимоӣ-психологии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум» омилҳои асосии душвориҳои мутобиқшавии донишҷӯён дар марҳилаи ибтидоии таҳсил таҳлил гардидаанд. Нишон дода мешавад, ки ин мушкилот бо тағйири шаклу усулҳои таълим, афзоиши талабот ба мустақилият ва норасоии малакаҳои худидоракунӣ алоқаманд мебошанд.

Дар таҳқиқот таъкид мегардад, ки донишҷӯёни курси якум дар оғози таҳсил бо як қатор мушкилоти таълимӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ҷумла, «мушкилоти мазкур аз рӯи ба вуҷуд омадани худ гуногун буда, баъзеи онҳо дорои хусусияти объективӣ ва дигаре субъективӣ мебошанд» [1, с. 185]. Ҳамзамон, афзоиши сарбории таълимӣ ва душвориҳои азхудкунии фанҳои нав ба самаранокии фаъолияти таълимӣ таъсири манфӣ мерасонанд [47, с. 55].

Муайян карда мешавад, ки мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ аз омилҳои гуногун, аз ҷумла хусусиятҳои инфиродӣ-психологӣ, сатҳи омодагӣ ва шароити иҷтимоӣ вобаста мебошад [7]. Дар ин замина таъкид мегардад, ки қобилияти мутобиқшавӣ ҳамчун шарти муҳими муваффақияти фаъолияти таълимӣ баромад менамояд.

Дар таҳқиқот нақши дастгирии иҷтимоӣ-психологӣ ва идоракунии педагогӣ махсус таъкид гардида, фаъолияти куратор ҳамчун яке аз шаклҳои самарабахши дастгирии донишҷӯён арзёбӣ мегардад . Қайд карда мешавад, ки дастгирии педагогӣ ба паст намудани изтироб, рушди малакаҳои коммуникативӣ ва баланд бардоштани эътимоди донишҷӯён мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, нишон дода мешавад, ки бе ташкили шароити мусоид ва истифодаи усулҳои фаъол ва интерактивии таълим фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯён камсамар мегардад. Аз ҷумла, таъкид мешавад: «фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ… бо мустақилият дар фаъолияти фикрӣ ва амалии донишҷӯ робитаи ногусастанӣ дорад» [37, с. 54-59].

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки муваффақияти мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ аз сатҳи дастгирии иҷтимоӣ-психологӣ, ташкили муҳити таълимии мусоид ва идоракунии мақсадноки педагогӣ вобаста буда, ҳамчун шарти муҳими ташаккули шахсияти касбии омӯзгори оянда баромад менамояд.

**Дар зербоби дуюм** «Модели методии таълими фанҳои педагогӣ оид ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» асосҳои назариявӣ ва сохтори модели пешниҳодшуда мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Нишон дода мешавад, ки модел ҳамчун воситаи илмӣ имкон медиҳад раванди мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ба таври низомманд ва идорашаванда баррасӣ гардад . Қайд мегардад, ки модел на нусхаи пурраи воқеият, балки инъикоси интихобии ҷанбаҳои муҳими он буда, барои фаҳмидан ва такмили равандҳои педагогӣ хизмат мекунад. Дар ин замина таъкид мешавад, ки «модел на худи воқеият, балки таҷассуми интихобии хусусиятҳои муҳими он мебошад».

Дар таҳқиқот модели методии таълими фанҳои педагогӣ таҳия гардида, ба ташаккули қобилияти мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогии донишҷӯёни курси якум

равона шудааст. Модел дорои сохтори муайян буда, унсурҳои асосии раванди таълим - ҳадаф, мазмун, усулҳо, воситаҳо ва натиҷаҳоро дар бар мегирад (ниг. расми 1).




**Расми 1. Модели методии таълими фанҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҷиҳати мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият**

Муайян карда мешавад, ки татбиқи модел дар се марҳилаи асосӣ амалӣ мегардад: марҳилаи омодасозӣ, ки ба шиносоӣ бо муҳити таълимӣ ва ташхиси сатҳи мутобиқшавӣ равона шудааст; марҳилаи фаъолсозӣ, ки истифодаи усулҳои интерактивӣ ва ташкили фаъолияти муштараки таълимиро дар бар мегирад; ва

марҳилаи таҳким, ки ба рушди худидоракунӣ ва арзёбии натиҷаҳои мутобиқшавӣ нигаронида шудааст.

Ҳамзамон, таъкид мегардад, ки самаранокии модели пешниҳодшуда аз шароити педагогӣ вобаста мебошад. Аз ҷумла, муҳити мусоиди таълимӣ, дастгирии иҷтимоӣ-психологӣ ва истифодаи усулҳои фаъоли таълим ҳамчун омилҳои муҳими татбиқи он баромад менамоянд. Дар ин замина қайд карда мешавад, ки «модели педагогӣ бояд сохтори дақиқ ва мантиқӣ дошта, натиҷаҳои интизоршавандаро пешакӣ муайян намояд» .

Таҳқиқот собит менамояд, ки модели методии пешниҳодшуда имкон медиҳад раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ба таври мақсаднок идора гардида, барои ташаккули шахсияти касбии омӯзгори оянда замина фароҳам оварда шавад.

**Дар зербоби сеюм** «Шароити педагогии таъмини мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ" омилҳо ва шартҳои асосии педагогии таъмини мутобиқшавии самараноки донишҷӯён мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Нишон дода мешавад, ки мутобиқшавии босамар танҳо дар шароити фароҳам овардани муҳити мусоиди таълимӣ, ташкили ҳамкории фаъол ва дастгирии фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён имконпазир мебошад .

Қайд мегардад, ки «шароити педагогӣ ҳамчун омилҳои беруна арзёбӣ мегарданд, ки ба раванди таълим таъсир расонида, аз тарафи омӯзгор ба таври мақсаднок идора карда мешаванд» [20; 5]. Дар ин замина, шароити педагогӣ ҳамчун маҷмӯи омилҳое баррасӣ мешаванд, ки ба рушди шахсият ва самаранокии раванди таълим мусоидат менамоянд.

Дар таҳқиқот муайян карда мешавад, ки мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ба омилҳои гуногун, аз ҷумла муҳити таълимӣ, хусусиятҳои инфиродӣ ва сатҳи омодагии онҳо вобаста мебошад

Ба андешаи В.И. Андреев, «шароити педагогӣ маҷмӯи амалҳои мушаххас аст, ки ба банақшагирӣ ва татбиқи ҷузъҳои мазмун, усулҳо ва шаклҳои таълим равона шуда, ҳадафи онҳо расидан ба натиҷаҳои дилхоҳи таълимӣ мебошад» [3, с. 45]. Ин андеша зарурати идоракунии мақсадноки раванди мутобиқшавиро асоснок менамояд.

Дар асоси таҳлил, шароити педагогӣ ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо карда мешаванд: ташкилӣ, мазмунӣ ва технологӣ. Ҷанбаи ташкилӣ ба ташкили муҳити мусоиди таълимӣ ва дастгирии психологию педагогӣ равона гардида, ҷанбаи мазмунӣ ба такмил додани мазмуни таълим ва ворид намудани курсҳои мутобиқсозанда нигаронида шудааст, ва ҷанбаи технологӣ истифодаи усулҳои фаъол, мониторинг ва ташхиси раванди мутобиқшавиро дар бар мегирад .

Дар ҷараёни таҳлил равшан гардид, ки мутобиқшавии самараноки донишҷӯёни курси якум танҳо дар шароити татбиқи маҷмӯи шартҳои педагогии ба ҳам алоқаманд, дастгирии иҷтимоӣ-психологӣ ва идоракунии мақсадноки раванди таълим имконпазир буда, ба ташаккули шахсияти касбии омӯзгори оянда замина фароҳам меорад.

**Дар боби сеюм «**Таҳқиқоти эмпирикӣ оид ба татбиқи модели педагогии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ» масъалаҳои санҷиши амалии самаранокии модели пешниҳодшуда мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Нишон дода мешавад, ки таҳқиқоти эмпирикӣ ҳамчун марҳилаи муҳим барои тасдиқи фарзияи илмӣ ва муайян намудани таъсири воқеии омилҳои педагогӣ баромад менамояд . Тавре ки таъкид мегардад: «моделсозӣ ва тарҳрезии педагогӣ имкон медиҳад, ки ҷузъҳои асосии фаъолияти таълимӣ пешакӣ муайян ва ба таври низомманд татбиқ карда шаванд» [8].

**Дар зербоби якуми боби сеюм** «Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ оид ба татбиқи модели методии таълими фанҳои педагогӣ…» ҳадаф ва самтҳои асосии таҳқиқот муайян гардидаанд. Нишон дода мешавад, ки мақсади таҳқиқот ба санҷиши самаранокии модели педагогии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум равона гардида, тағйироти дар сатҳи мутобиқшавии иҷтимоӣ, фаъолияти таълимӣ ва рушди шахсият баамаломада мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот муайян гардид, ки барои арзёбии сатҳи мутобиқшавии донишҷӯён меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои мушаххас заруранд, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ-педагогӣ, фаъолияти таълимӣ ва рушди шахсиятро дар бар мегиранд (ниг. ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Меъёрҳо (критерияҳо) ва нишондиҳандаҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ**

| Р/т | Критерияҳо | Нишондиҳандаҳо | Сатҳи паст | Сатҳи миёна | Сатҳи баланд |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Мутобиқшавии иҷтимой-педагогӣ | Ҳамкории донишҷӯён бо ҳамкурсон | Донишҷӯ ба гурӯҳ ворид намешавад. | Ҳамкорӣ баъзан сурат мегирад. | Ҳамкории фаъол ва мунтазам бо гурӯҳ |
| | | Фароҳам овардани фазои мусоид барои табодули маълумот | Танҳо иштирок дар чорабиниҳо | Иштирок бо каме фаъолият | Иштироки фаъол ва ташабускор |
| | | Муқобилият ба тағйироти педагогӣ | Тағйиротҳоро қабул намекунад. | Тағйиротҳоро бо душворӣ қабул мекунад. | Ба тағйирот зуд мутобиқ мешавад. |
| | | Қобилияти идора кардани муносибатҳои иҷтимоӣ | Қобилияти маҳдуд | Қобилият дар ҳолатҳои оддӣ | Қобилиятҳои устувор ва фаъол |
| 2. | Баланд бардоштани сатҳи фаъолитнокии таълимӣ | Қобилияти иҷрои вазифаҳои додашуда (дарсӣ) | Натиҷаи паст | Натиҷаи миёна | Натиҷаи баланд ва устувор |
| | | Иштирок дар корҳои амалӣ ва гурӯҳӣ | Иштироки ғайрифаъол (пассив) | Иштирок баъзан | Иштироки фаъол ва мунтазам |
| | | Фароҳам овардани лоиҳа ва корҳои мустақилона | Лоиҳаҳо кам ва суст | Лоиҳаҳо бо кӯмак | Лоиҳаҳо мустақил ва босифат |
| | | Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таҳсил | Истифодаи маҳдуд | Истифодаи миёна | Истифодаи устувор ва дақиқ |
| 3. | Рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ | Муайян кардани тарафҳои қавӣ ва заифи дониш | Қобилияти маҳдуд | Қобилияти миёна | Қобилияти устувор ва дақиқ |
| | | Қобилияти таҳлилу баҳодиҳӣ | Таҳлили суст | Таҳлили миёна | Таҳлил ва хулосаҳои муфассал |
| | | Идоракунии хислат ва рафтор | Назорат камтар | Назорат миёна | Назорат устувор ва фаъол |
| | | Ҳавасмандӣ ба омӯзиш ва инкишофи шахсият | Ҳавасмандии кам | Ҳавасмандии миёна | Ҳавасмандии баланд ва устувор |
| 4. | Арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ | Қабул ва истифодаи дастгирии психологӣ-педагогӣ | Кам қабул мекунад | Қисман қабул мекунад | Пурра қабул мекунад ва истифода мебарад |
| | | Иштирок дар машваратҳо ва корҳои дастгирӣ | Кам | Миёна | Фаъол ва мунтазам |
| | | Тақвияти ҳисси масъулият дар раванди мутобиқшавӣ | Кам | Миёна | Баланд ва устувор |
| | | Истифодаи усулҳои муқаррарӣ ва технологияҳои дастгирӣ | Гоҳ - гоҳ | Миёна | Самаранок ва мунтазам |

Тавре ки дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст, мутобиқшавии донишҷӯён дар асоси чор самти асосӣ арзёбӣ мегардад: мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ, фаъолияти таълимӣ, рушди шахсият ва дастгирии психологӣ-педагогӣ. Барои ҳар як самт нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои арзёбӣ (паст, миёна, баланд) муайян гардидаанд, ки имконият медиҳанд раванди мутобиқшавӣ ба таври дақиқ таҳлил карда шавад.

Дар идомаи таҳқиқот марҳилаҳои татбиқи таҳқиқоти эмпирикӣ муайян гардидаанд, ки пайдарпайии санҷиши модели педагогиро таъмин менамоянд (ниг. ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Марҳилаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ барои арзёбии самаранокии модели педагогии мутобиқсозӣ**

| Марҳила | Мақсад ва фаъолият | Методҳо ва воситаҳо | Натиҷаҳои интизорӣ |
|---|---|---|---|
| Омодагӣ ва таҳлили ибтидоӣ | Таҳлили сатҳи мутобиқшавии донишҷӯён; муайян кардани мушкилоти ибтидоӣ. | Анкета , мусоҳиба, мушоҳида, таҳлили ҳуҷҷатҳои таълимӣ | Таъини нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои мутобиқшавӣ; омода намудани воситаҳои санҷишӣ |
| Татбиқи модели педагогӣ | Ҷорӣ намудани модели методии мутобиқшавӣ; шиносоӣ бо муҳити нави таълимӣ | Дарсҳо, корҳои гурӯҳӣ, лоиҳакашӣ, технологияҳои иттилоотӣ, дастгирии равонӣ-педагогӣ | Натиҷаҳои аввалияи мутобиқшавӣ ва иштироки фаъол дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ |
| Ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот | Ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот барои арзёбии сатҳи мутобиқшавӣ | Мушоҳидаи фаъолияти донишҷӯён, таҳлили ҳуҷҷатҳои таълимӣ, муқоиса байни гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ | Муайян шудани сатҳи мутобиқшавӣ, фаъолиятнокӣ ва малакаҳои шахсият |
| Арзёбӣ ва хулосаҳо | Арзёбии самаранокии модели педагогӣ; таҳияи тавсияҳо | Муқоисаи натиҷаҳо бо меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо | аъсири мусбати модел ба мутобиқшавии устувор, баландшавии фаъолияти таълимӣ, рушди шахсият; пешниҳоди тавсияҳо |

Тибқи маълумоти ҷадвали 2, таҳқиқоти эмпирикӣ дар якчанд марҳилаи пайдарпай амалӣ мегардад: марҳилаи ташхиси ибтидоӣ, марҳилаи татбиқи модели педагогӣ ва марҳилаи таҳлил ва арзёбии натиҷаҳо. Қайд мегардад, ки

чунин пайдарпайӣ ба муайян намудани таъсири воқеии модел ба раванди мутобиқшавии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Дар ҷараёни таҳқиқот истифодаи усулҳои эмпирикӣ, аз ҷумла мушоҳида, пурсиш, мусоҳиба ва таҳлили фаъолияти таълимӣ имконият дод, ки раванди мутобиқшавӣ аз ҷанбаҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор гирад . Ҳамзамон, таъкид мегардад, ки «моделҳо дар таҳқиқоти педагогӣ вазифаҳои тавсифӣ, тафсирӣ ва пешгӯиро иҷро менамоянд» [27; 47].

Дар натиҷа муайян карда мешавад, ки татбиқи модели педагогии пешниҳодшуда ба мутобиқшавии устувори донишҷӯён, баланд гардидани фаъолияти таълимӣ ва рушди шахсияти онҳо мусоидат менамояд. Ҳамин тариқ, самаранокии шароити педагогии пешниҳодшуда дар амал тасдиқ гардида, имконияти татбиқи он дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ асоснок карда мешавад.

Дар натиҷа муайян карда мешавад, ки татбиқи модели педагогии пешниҳодшуда ба мутобиқшавии устувори донишҷӯён, баланд гардидани фаъолияти таълимӣ ва рушди шахсияти онҳо мусоидат менамояд. Ҳамин тариқ, самаранокии шароити педагогии пешниҳодшуда дар амал тасдиқ гардида, имконияти татбиқи он дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ асоснок карда мешавад.

**Дар зербоби дуюми боби сеюм** «Таҳлил ва арзёбии натиҷаҳои озмоиши педагогӣ оид ба амалисозии модели методии таълими фанҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҷиҳати мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ» натиҷаҳои санҷиши амалии модели пешниҳодшуда мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Нишон дода мешавад, ки арзёбии системавии самаранокии модели педагогӣ ҳамчун марҳилаи ҷамъбастии таҳқиқот баромад намуда, барои муайян намудани дараҷаи расидан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои пешбинишуда аҳамияти ҳалкунанда дорад . Тавре ки таъкид мегардад, чунин таҳлил имконият медиҳад на танҳо натиҷаҳои ниҳоӣ, балки равандҳои дохилии мутобиқшавӣ ва ташаккули фаъолияти донишҷӯён низ амиқ дарк карда шаванд.

Дар ҷараёни озмоиши педагогӣ татбиқи модели пешниҳодшуда дар муҳити воқеии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ имконият фароҳам овард, ки таъсири он ба раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба таври пайгирона ва низомнок омӯхта шавад. Натиҷаҳо нишон доданд, ки истифодаи усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои махсуси педагогӣ ба осон гардидани мутобиқшавӣ, баланд гардидани фаъолияти таълимӣ ва рушди қобилиятҳои шахсии донишҷӯён мусоидат намудааст.

Арзёбии натиҷаҳо дар асоси гурӯҳбандии донишҷӯён аз рӯи сатҳҳои мутобиқшавӣ (паст, миёна ва баланд) амалӣ гардида, имконият дод, ки динамикаи рушди онҳо муайян карда шавад. Дар ин замина, ҳам тағйироти миқдорӣ ва ҳам сифатӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар доираи марҳилаи муайянкунанда сатҳи ибтидоии мутобиқшавии донишҷӯён муайян карда шуд (ниг. ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Муайян намудани сатҳи ибтидоии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ**

| Масъалаҳо | Сатҳ | Гурӯҳи назоратӣ | | Гурӯҳи озмоишӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Донишҷӯ | % | Донишҷӯ | % |
| 1 | Паст | 10 | 40,0 | 11 | 42,3 |
| | Миёна | 11 | 44,0 | 10 | 38,5 |
| | Баланд | 4 | 16,0 | 5 | 19,2 |
| 2 | Паст | 9 | 36,0 | 10 | 38,5 |
| | Миёна | 10 | 40,0 | 10 | 38,5 |
| | Баланд | 6 | 24,0 | 6 | 23,0 |
| 3 | Паст | 11 | 45,8 | 11 | 42,3 |
| | Миёна | 10 | 41,7 | 9 | 34,6 |
| | Баланд | 3 | 12,5 | 6 | 23,1 |
| 4 | Паст | 12 | 50,0 | 12 | 44,4 |
| | Миёна | 10 | 41,7 | 12 | 44,4 |
| | Баланд | 2 | 8,3 | 3 | 11,2 |
| 5 | Паст | 12 | 44,4 | 12 | 46,2 |
| | Миёна | 11 | 40,8 | 10 | 38,4 |
| | Баланд | 4 | 14,8 | 4 | 15,4 |
| **Идомаи ҷадвали 3** | | | | | |
| 6 | Паст | 13 | 52,0 | 13 | 48,1 |
| | Миёна | 10 | 40,0 | 12 | 44,0 |
| | Баланд | 2 | 8,0 | 2 | 8,0 |
| 7 | Паст | 12 | 48,0 | 10 | 37,0 |
| | Миёна | 10 | 40,0 | 12 | 44,5 |
| | Баланд | 3 | 12,0 | 5 | 18,5 |
| 8 | Паст | 8 | 32,0 | 9 | 36,0 |
| | Миёна | 15 | 60,0 | 10 | 40,0 |
| | Баланд | 2 | 8,0 | 6 | 24,0 |

Бо мақсади муайян намудани сатҳи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ миёни 40 нафар омӯзгорон ва кураторҳо анкета-пурсишнома гузаронида шуд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки 27,5% омӯзгорон мутобиқшавиро раванди табиӣ меҳисобанд, 50,0% онро бо мушкилоти ҷиддӣ (сатҳи нокифояи омодагӣ ва паст будани ҳавасмандӣ) алоқаманд медонанд ва 22,5% ба омилҳои инфиродии донишҷӯён вобаста мекунанд. Ин маълумот собит менамояд, ки мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум масъалаи муҳими педагогӣ буда, фароҳам овардани шароити мақсадноки таълимиро талаб мекунад. Таҳлили натиҷаҳои анкета-пурсишномаҳо ба таври возеҳ дар диаграммаи зерин инъикос гардидааст.




**Диаграммаи 1. - Натиҷаи таҳлили пурсишномаҳо дар байни омўзгорон ва кураторон оид ба мутобиқшавии донишҷўёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ**

Диаграммаи 1 натиҷаҳои пурсишномаҳо оид ба мутобиқшавии донишҷўёни курси якумро инъикос намуда, нишон медиҳад, ки омилҳои асосии таъсиррасон чунинанд: ташкили фаъолияти таълимӣ бо усулҳои фаъол (30,0%), дастгирии иҷтимоӣ-педагогӣ (27,5%), муҳити мусоиди таълимӣ-психологӣ (20,0%) ва ба инобат гирифтани хусусиятҳои инфиродии донишҷўён (22,5%). Ин нишондиҳандаҳо аҳамияти ташкили шароити мақсадноки педагогиро барои мутобиқшавии самаранок тасдиқ менамоянд. Диаграммаи 1 натиҷаҳои пурсишномаҳо оид ба мутобиқшавии донишҷўёни курси якумро инъикос намуда, нишон медиҳад, ки омилҳои асосии таъсиррасон чунинанд: ташкили фаъолияти таълимӣ бо усулҳои фаъол (30,0%), дастгирии иҷтимоӣ-педагогӣ (27,5%), муҳити мусоиди таълимӣ-психологӣ (20,0%) ва ба инобат гирифтани хусусиятҳои инфиродии донишҷўён (22,5%). Ин нишондиҳандаҳо аҳамияти ташкили шароити мақсадноки педагогиро барои мутобиқшавии самаранок тасдиқ менамоянд.

Дар асоси маълумоти пешниҳодшуда, омилҳои зикршуда ба таври равшан дар диаграммаи 1 инъикос гардидаанд. Барои идомаи таҳлил ва муайян намудани ҷанбаҳои мушкилоти мутобиқшавӣ, натиҷаҳои зерин дар диаграммаи 2 пешниҳод карда мешаванд.




**Диаграммаи 2. - Мушкилоти методии донишҷўёни курси якум оид ба мутобиқшавии онҳо ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ**

Диаграммаи 2 мушкилоти методии донишҷӯёни курси якумро дар раванди мутобиқшавӣ инъикос намуда, нишон медиҳад, ки душвориҳои асосӣ ба норасоии малакаҳои мустақилона, мутобиқшавӣ ба усулҳои нави таълим, паст будани фаъолиятнокӣ ва мушкилоти ҳамкорӣ вобаста мебошанд. Ин натиҷаҳо зарурати истифодаи усулҳои мақсадноки педагогӣ ва фароҳам овардани шароити мусоидро барои баланд бардоштани самаранокии мутобиқшавии донишҷӯён тасдиқ менамоянд

Натиҷаҳои бадастомада аз пурсиши ибтидоӣ (пеш аз оғози озмоиши педагогӣ) дар ҷадвали 7 инъикос гардида, ҳамчун заминаи асосӣ барои арзёбии сатҳи ибтидоии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ва таҳлили минбаъдаи самаранокии модели татбиқшуда хизмат менамоянд.

**Ҷадвали 4. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯи сатҳҳои мутобиқшавии онҳо ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дар марҳилаи муайянкунанда (то озмоиш)**

| Гурӯҳҳо | Шумора | Сатҳи паст | | Сатҳи миёна | | Сатҳи баланд | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | шумора | % | шумора | % | шумора | % |
| Гурӯҳҳои озмоишӣ | 220 | 88 | 40,0 | 92 | 41,8 | 40 | 18,2 |
| Гурӯҳҳои назоратӣ | 190 | 80 | 42,1 | 79 | 41,6 | 31 | 16,3 |
| Ҳамагӣ | 410 | 168 | 41,0 | 171 | 41,7 | 71 | 17,3 |

Маълумоти дар ҷадвали 4. Зикргардида, нишон медиҳад, ки дар ибтидои озмоиши педагогӣ сатҳи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дар ҳарду гурӯҳҳо (озмоишӣ ва назоратӣ) тақрибан якхела буда, аксарияти донишҷӯён дар сатҳи паст ва миёна қарор доранд.




**Диаграммаи 3. - Тақсимоти сатҳҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дар марҳилаи муайянкунанда (ташхисӣ)**

Диаграммаи 3 нишон медиҳад, ки дар марҳилаи муайянкунанда аксари донишҷӯёни курси якум дар сатҳҳои паст ва миёнаи мутобиқшавӣ қарор дошта,

ҳиссаи сатҳи баланд кам мебошад, ки зарурати татбиқи модели педагогиро асоснок менамояд. Арзёбӣ аз рӯи меъёрҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ (воридшавӣ ба муҳит, муносибатҳои иҷтимоӣ, мутобиқшавӣ ба талаботи таълимӣ ва устуворӣ) дар се сатҳ - паст, миёна ва баланд - анҷом дода шуда, бо фарогирии 410 нафар донишҷӯ имкон дод ҳолати воқеӣ ва динамикаи минбаъдаи мутобиқшавӣ муайян карда шавад; натиҷаҳо дар ҷадвали 5 пешниҳод гардидаанд.

**Ҷадвали 5. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ (пеш аз озмоиш)**

| Муассисаи таълимӣ | Гурӯҳ | Шумораи донишҷӯён | Сатҳи паст шумора (%) | Сатҳи миёна шумора (%) | Сатҳи баланд шумора (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| ДДОТ ба номи С. Айнӣ | озмоишӣ | 110 | 44 (40,0%) | 46 (41,8%) | 20 (18,2%) |
| | назоратӣ | 100 | 40 (40,0%) | 42 (42,0%) | 18 (18,0%) |
| ДДБ ба номи Н. Хусрав | озмоишӣ | 110 | 46 (41,8%) | 47 (42,7%) | 17 (15,5%) |
| | назоратӣ | 90 | 36 (40,0%) | 38 (42,2%) | 16 (17,7%) |
| Ҳамагӣ | | 410 | 166 (40,5%) | 173 (42,2%) | 71 (17,3%) |

Аз ҷадвали 5 аён аст, ки аксари донишҷӯён пеш аз озмоиши педагогӣ дар сатҳҳои паст ва миёнаи мутобиқшавӣ қарор доранд, ки 81,8%-ро ташкил медиҳанд. Танҳо 18,2% донишҷӯён сатҳи баланд доранд, ки ин нишон медиҳад зарурати татбиқи модели педагогии мутобиқсозӣ барои беҳтар намудани мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ ва фаъолиятнокии таълимӣ вуҷуд дорад. Ҷадвал ҳамчун асоси муқоиса ва арзёбии самаранокии модели пешниҳодшуда хизмат мекунад.




**Диаграммаи 4. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ (пеш аз озмоиш)**

Баъд аз гузаронидани семинар-тренингҳо, дарсҳои иловагӣ, дарсҳои кураторӣ, иштирок дар лоиҳаҳои гурӯҳӣ ва машғулиятҳои дигар пас аз озмоиши педагогӣ тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ шакли зеринро гирифта, дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

**Ҷадвали 6. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ (пас аз озмоиш)**

| Сатҳи дониш | Синфҳо | ДДОТ ба номи С. Айнӣ | ДДБ ба номи Н. Хусрав | Шумора қимати миёнаи (%) |
|---|---|---|---|---|
| | | шумора (%) | шумора (%) | |
| Баланд | озмоишӣ | 46 (41,8%) | 38 (34,5%) | 84 (38,2%) |
| | назоратӣ | 20 (20,0%) | 18 (20,0%) | 38 (20,0%) |
| Миёна | озмоишӣ | 42 (38,2%) | 50 (45,5%) | 92 (41,8%) |
| | назоратӣ | 42 (42,0%) | 38 (42,2%) | 80 (42,1%) |
| Паст | озмоишӣ | 22 (20,0%) | 22 (20,0%) | 44 (20,0%) |
| | назоратӣ | 38 (38,0%) | 34 (37,8%) | 72 (37,9%) |

Пас аз озмоиши педагогӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ сатҳи баланд ба таври назаррас афзоиш ёфта (аз 18,2% то 41,8%), дар ҳоле ки сатҳи паст коҳиш ёфтааст (аз 44,0% то 22,0%), ки самаранокии модели пешниҳодшударо тасдиқ менамояд. Дар гурӯҳҳои назоратӣ тағйирот ночиз буда, сатҳи баланд ҳамагӣ 2,0% афзоиш ёфтааст. Ин фарқият нишон медиҳад, ки татбиқи модели методӣ ба беҳтаршавии мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогии донишҷӯён таъсири назаррас мерасонад. Барои муқоисаи муфассал ва визуализатсияи тағйирот натиҷаҳои мазкур дар ҷадвали 5 пешниҳод гардидаанд.




**Диаграммаи 5. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ (пас аз озмоиш)**

Диаграммаи 5 нишон медиҳад, ки пас аз озмоиш дар гурӯҳҳои озмоишӣ сатҳи баланди мутобиқшавӣ афзоиш ёфта, фарқият бо гурӯҳҳои назоратӣ ба таври назаррас ошкор мегардад. Таҳлили оморӣ бо меъёри $\chi^2$ ($205,7 > 5,99$; $p <$

0,05) боэътимод будани ин фарқиятро тасдиқ намуда, рад шудани гипотезаи сифриро нишон медиҳад, дар ҳоле ки коэффициенти Cramér's V = 0,71 қувваи баланди таъсири модели татбиқшударо исбот мекунад. Ин натиҷаҳо самаранокии усули пешниҳодшударо дар баланд бардоштани сатҳи мутобиқшавӣ ва фаъолиятнокии донишҷӯён нишон медиҳанд ва барои таҳлили минбаъдаи фаъолияти таълимӣ замина фароҳам меоранд (ниг. ҷадвали 7).

**Ҷадвали 7. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум дар давраи мутобиқшавӣ аз рӯи сатҳҳои фаъолиятнокии таълимӣ (то озмоиш)**

| Гурӯҳ | Шумораи умумӣ | Сатҳи паст | % | Сатҳи миёна | % | Сатҳи баланд | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Озмоишӣ | 170 | 70 | 41,2% | 72 | 42,3 | 28 | 16,5 |
| Назоратӣ | 150 | 65 | 43,3% | 63 | 42,0 | 22 | 14,7 |
| Ҳамагӣ | 320 | 135 | 42,2% | 135 | 42,2 | 50 | 15,6 |

Аз ҷадвали ооо маълум мешавад, ки фаъолиятнокии таълимӣ дар давраи мутобиқшавӣ то озмоиши педагогӣ қисми зиёди донишҷӯён дар сатҳи паст қарор доранд. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки ҳам дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва ҳам дар гурӯҳҳои назоратӣ қариб якхела мебошанд. Дар сат баланд бошад қисми бениҳоят ками донишҷӯёнро дарбар мегирад, ки мувофиқан 16,5% ба гурӯҳҳои озмоишӣ ва 14,7% ба гурӯҳҳои назоратӣ рост меояд.




**Диаграммаи 6. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи сатҳи фаъолиятнокии таълимӣ дар давраи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ**
**(пеш аз озмоиш)**

Пас аз гузаронидани семинар-тренинг дар раванди озмоиши педагогӣ муносибати мусбати донишҷӯён ба фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, сатҳи фаъолнокӣ ва ҳавасмандии онҳо ба таври назаррас беҳтар гардид. Иштирок дар дарсҳо, корҳои мустақилона ва фаъолияти гурӯҳӣ фаъолтар шуда, тақсимбандии донишҷӯён аз рӯи сатҳҳои мутобиқшавӣ ба самти мусбат тағйир ёфт. Натиҷаҳои мазкур дар ҷадвали 8 пешниҳод гардидаанд.

**Ҷадвали 8. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум дар давраи мутобиқшавӣ аз рӯи сатҳҳои фаъолиятнокии таълимӣ (баъд аз озмоиш озмоиш)**

| Гурӯҳ | Шумораи умумӣ | Сатҳи паст | % | Сатҳи миёна | % | Сатҳи баланд | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Озмоишӣ | 170 | 25 | 14,7 | 75 | 44,1 | 70 | 41,2 |
| Назоратӣ | 150 | 50 | 33,3 | 65 | 43,4 | 35 | 23,3 |
| Ҳамагӣ | 320 | 75 | 23,4 | 140 | 43,8 | 105 | 32,8 |

Тавре ки аз ҷадвалҳои ооо ва 555 бармеояд, то оғози озмоиш тақсимоти донишҷӯѐн дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ қариб яксон буд. Аммо баъди анҷоми озмоиш дар гурӯҳҳои озмоишӣ коҳиши назарраси сатҳи паст (аз 41,2% то 14,7%) ва афзоиши сатҳи баланд (аз 16,5% то 41,2%) мушоҳида гардид. Дар гурӯҳҳои назоратӣ бошад, тағйирот камтар ба назар мерасад. Натиҷаҳои ҳосилшуда дар диаграммаи 7 оварда шудааст.




**Диаграммаи 7. Тақсимоти донишҷӯѐни курси якум аз рӯйи критерияи сатҳи фаъолиятнокии таълимӣ дар давраи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ (пеш аз озмоиш)**

Пас аз ѐфтани қиматҳои назариявӣ (интизоршаванда) *E,* натиҷаҳоро дар ҷадвали зерин пешниҳод мекунем.

**Ҷадвали 9. Қиматҳои назариявӣ (интизоршаванда) - и *E* барои сатҳи фаъолнокии таълими донишҷӯѐни курси якум дар давраи мутобиқшавӣ баъд аз озмоиш.**

| Давра | Сатҳи паст | Сатҳи миѐна | Сатҳи баланд |
|---|---|---|---|
| То озмоиш | 37,18 | 38,25 | 14,88 |
| Баъд аз озмоиш | 13,3 | 39,8 | 37,2 |

Таҳлили оморӣ бо истифода аз меъѐри $\chi^2$ (140,59 > 5,99; p < 0,05) нишон дод, ки фарқияти байни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ аз ҷиҳати оморӣ боэътимод буда, самаранокии усули татбиқшударо тасдиқ менамояд. Дар ин замина, арзѐбии рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ дар се сатҳ (паст, миѐна, баланд) анҷом дода шуда, натиҷаҳои тақсимоти донишҷӯѐн дар ҷадвали 10 пешниҳод гардидаанд.

**Ҷадвали 10. Тақсимоти донишҷӯѐни курси якуми гурӯҳи озмоишӣ аз рӯйи критерияи рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ**

| Давра | Сатҳи паст | | Сатҳи миѐна | | Сатҳи баланд | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | шумора | % | шумора | % | шумора | % | |
| То озмоиш | 60 | 35,3 | 80 | 47,1 | 30 | 17,6 | 170 |
| Баъд аз озмоиш | 20 | 11,8 | 60 | 35,3 | 90 | 52,9 | 170 |
| Ҳамагӣ | 80 | 23,5 | 140 | 41,2 | 120 | 35,3 | 340 |




**Диаграммаи 8. Тақсимоти донишҷӯёни курси якуми гурӯҳи озмоишӣ дар давраи мутобиқшавӣ аз рӯйи критерияи рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ то ва баъд аз озмоиш**

Диаграммаи 8 нишон медиҳад, ки пас аз озмоиши педагогӣ дар гурӯҳи озмоишӣ коҳиши назарраси сатҳи паст (аз 35,3% то 11,8%) ва афзоиши сатҳи баланд (аз 17,6% то 52,9%) ба назар мерасад, дар ҳоле ки сатҳи миёна қариб бетағйир мемонад. Ин динамика самаранокии методҳои интерактивиро дар рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ тасдиқ менамояд. Натиҷаҳои муфассал дар ҷадвали 11 пешниҳод гардидаанд.

**Ҷадвали 11. Тақсимоти донишҷӯёни курси якуми гурӯҳи озмоишӣ аз рӯйи критерияи рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ**

| Давра | Сатҳи паст | | Сатҳи миёна | | Сатҳи баланд | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | шумора | % | шумора | % | шумора | % | |
| То озмоиш | 50 | 33,3 | 60 | 40,0 | 40 | 26,7 | 150 |
| Баъд аз озмоиш | 45 | 30,0 | 55 | 36,7 | 50 | 33,3 | 150 |
| Ҳамагӣ | 95 | 31,7 | 115 | 38,3 | 90 | 30,0 | 300 |




**Диаграммаи 9. Тақсимоти донишҷӯёни курси якуми гурӯҳи назоратӣ дар давраи мутобиқшавӣ аз рӯйи критерияи рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ то ва баъд аз озмоиш**

Аз ҷадвали 11 ва диаграммаи 9 дида мешавад, ки барои критерияи мазкури озмоиши педагогӣ қисми зиёди донишҷӯёни курсҳои якуми гурӯҳҳои назоратӣ дар сатҳи миёна қарор дошта, тағйирёбии назаррас дида намешавад.

Барои гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ қиматҳои интизории $E$ - ро (то озмоиш ва баъд аз озмоиш) ҳисоб намуда, натиҷаи онро барои ҳисоб намудани қимати

$$\chi^2 = \sum \frac{(O-E)^2}{E}$$

истифода мебарем. Натиҷаҳои ҳосилшуда дар ҷадвалҳои зерин оаварда шудааст.

**Ҷадвали 12. Қиматҳои $\chi^2$ барои гурӯҳи назоратӣ то ва баъд аз озмоиши педагогӣ барои тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ**

| Сатҳ (давра) | *O* | *E* | *(O-E)2/E* |
|---|---|---|---|
| Паст (то озмоиш) | 50 | 47,5 | $(2,5)^2/47,5 \approx 0,13$ |
| Миёна (то озмоиш) | 60 | 57,5 | $(2,5)^2/57,5 \approx 0,11$ |
| Баланд (то озмоиш) | 40 | 45 | $(-5)^2/45 \approx 0,56$ |
| Паст (баъд аз озмоиш) | 45 | 47,5 | $(-2,5)^2/47,5 \approx 0,13$ |
| Миёна (баъд аз озмоиш) | 55 | 57,5 | $(-2,5)^2/57,5 \approx 0,11$ |
| Баланд (баъд аз озмоиш) | 50 | 45 | $(5)^2/45 \approx 0,56$ |

Аз ҷадвали болозикр қимати $\chi^2$-ро ҳосил мекунем.

$\chi^2 \approx 0,13+0,11+0,56+0,13+0,11+0,56=1,60$

Қимати критикӣ барои дараҷаи озодӣ (*df=2*), тибқи ҷадвалҳои додашуда $\alpha = 0,05$ буда, $\chi^2_{критикӣ}$=5,99 аст.

Ҳамин тавр, $\chi^2_{ҳисоб} \approx 1,60 < \chi^2_{критикӣ}=5,99$

$\chi^2 \approx 1,6 < 5,99$ - фарқият аз ҷиҳати оморӣ аҳамиятнок нест

**Ҷадвали 13. Қиматҳои $\chi^2$ барои гурӯҳи озмоишӣ то ва баъд аз озмоиши педагогӣ барои тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ**

| Сатҳ (давра) | *O* | *E* | $(O-E)^2/E$ |
|---|---|---|---|
| Паст (то озмоиш) | 60 | 40 | $20^2/40=10$ |
| Миёна (то озмоиш) | 80 | 70 | $10^2/70=1,43$ |
| Баланд (то озмоиш) | 30 | 60 | $(-30)^2/60=15$ |
| Паст (баъд аз озмоиш) | 20 | 40 | $(-20)^2/40=10$ |
| Миёна (баъд аз озмоиш) | 60 | 70 | $(-10)^2/70=1,43$ |
| Баланд (баъд аз озмоиш) | 90 | 60 | $30^2/60=15$ |

Таҳлили оморӣ нишон дод, ки фарқиятҳо аз ҷиҳати оморӣ аҳамиятнок мебошанд ($\chi^2 = 52,86 > 5,99$), ки самаранокии низоми арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогиро тасдиқ мекунад. Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки татбиқи чорабиниҳои мақсаднок ба беҳтар гардидани мутобиқшавӣ ва фаъолияти донишҷӯён мусоидат намудааст. Натиҷаҳои муфассал дар ҷадвали 14 пешниҳод гардидаанд.

**Ҷадвали 14. Тақсимоти донишҷӯёни ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз рӯйи сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ пеш аз озмоиш**

| Сатҳ | Гурӯҳи озмоишӣ | | Гурӯҳи назоратӣ | | Ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | шумора | % | шумора | % | шумора | % |
| Паст | 48 | 43,6 | 44 | 44,0 | 92 | 43,8 |
| Миёна | 42 | 38,2 | 38 | 38,0 | 80 | 38,1 |
| Баланд | 20 | 18,2 | 18 | 18,0 | 38 | 18,1 |
| Ҳамагӣ | 110 | 100 | 100 | 100,0 | 210 | 100,0 |

Аз ҷадвали 14 бармеояд, ки тақсимоти донишҷӯён аз рӯйи критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ пеш аз озмоиш ба чунин натиҷа оварда мерасонад. Қисми зиёди донишӯёни курси якум дар сатҳҳои паст ва миёна қарор доранд, сатҳи баланд бошад, ҳамагӣ 20 нафар донишҷӯро ташкил дода, ба 18,2% баробар аст. Тақсимоти донишҷӯён тибқи критерияи 4. Ҳам дар гурӯҳҳои назоратӣ ва ҳам дар гурӯҳҳои озмоишӣ тақрибан баробар мебошанд.




**Диаграммаи 10. Тақсимоти донишҷӯёни ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз рӯйи сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ пеш аз озмоиш**

Аз ҷадвали болозикр қимати $\chi^2$-ро пеш аз озмоиш ҳисоб намуда, ҳосил мекунем, яъне $\chi^2=0,01$

Қимати критикӣ барои дараҷаи озодӣ (df=2), тибқи ҷадвалҳои додашуда буда, $\chi^2_{критикӣ}=5,99$ аст.

Ҳамин тавр, $\chi^2_{ҳисобӣ}=0,01 < \chi^2_{критикӣ}=5,99$

$\chi^2_{хисоби}=0,01<5,99$ - фарқият байни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ аз ҷиҳати оморӣ аҳамиятнок нест (*p>0,05*)

Натиҷаҳои арзёбӣ барои критерияи болозикр барои донишҷӯёни курси якум баъд аз озмоиши педагогӣ дар ҷадвал ва диаграммаи зерин оварда шудаанд.

**Ҷадвали 15. Тақсимоти донишҷӯёни ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз рӯйи сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ баъд аз озмоиш**

| Сатҳ | Гурӯҳи озмоишӣ | | Гурӯҳи назоратӣ | | Ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | шумора | % | шумора | % | шумора | % |
| Паст | 22 | 20,0 | 36 | 36,0 | 58 | 27,6 |
| Миёна | 50 | 45,5 | 40 | 40,0 | 90 | 42,9 |
| Баланд | 38 | 34,5 | 24 | 24,0 | 62 | 29,5 |
| Ҳамагӣ | 110 | 100 | 100 | 100,0 | 210 | 100,0 |

Аз ҷадвали 15. бармеояд, ки баъд аз озмоиш дар гурӯҳи озмоиши сатҳи паст аз 42 нафар ба 22 нафар, яъне 20 нафар кам шуда, мувофиқан аз 43,6% ба 20,0% коҳиш ёфтааст. Сатҳи баланд бошад дар гурӯҳи озмоишӣ аз 20 нафар ба 38 нафар расида, мувофиқан аз 18,2% ба 34,5% афзудааст. Дар гурӯҳи назоратӣ бошад тағйирёбӣ дар сатҳҳои гуногун он қадар назаррас нест.




**Диаграммаи 11. Тақсимоти донишҷӯёни ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз рӯйи сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ баъд аз озмоиш**

Аз ҷадвали болозикр қимати $\chi^2$-ро пеш аз озмоиш ҳисоб намуда, ҳосил мекунем, яъне $\chi^2$=8,21

Қимати критикӣ барои дараҷаи озодӣ (df=2), тибқи ҷадвалҳои додашуда буда, $\chi^2_{\text{критикӣ}}$=5,99 аст.

Ҳамин тавр, $\chi^2_{\text{ҳисобӣ}}=8,21>\chi^2_{\text{критикӣ}}=5,99$

$\chi^2_{\text{ҳисоби}}$=8.21>5,99 - фарқият байни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ аз ҷиҳати оморӣ аҳамиятнок мебошанд ($p<0,05$).

Ин нишон медиҳад, ки тағйироти бамаломада дар гурӯҳҳои озмоишӣ натиҷаи таъсири дастгирии психологӣ-педагогӣ мебошад.

Натиҷаи тақсимоти донишҷӯёни курси якуми ДДБ ба номи Н. Хусрав аз рӯйи критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ дар ҷадвалҳо ва диаграммаи зерин оварда шудааст.

**Ҷадвали 16. Тақсимоти донишҷӯёни ДДБ ба номи Н. Хусрав аз рӯйи сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ пеш аз озмоиш**

| Сатҳ | Гурӯҳи озмоишӣ | | Гурӯҳи назоратӣ | | Ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | шумора | % | шумора | % | шумора | % |
| Паст | 50 | 45,5 | 41 | 45,6 | 91 | 45,5 |
| Миёна | 40 | 36,4 | 32 | 35,6 | 72 | 36,0 |
| Баланд | 20 | 18,1 | 17 | 18,8 | 37 | 18,5 |
| Ҳамагӣ | 110 | 100 | 90 | 100 | 200 | 100,0 |

Аз ҷадвали 16 бармеояд, ки тақсимоти донишҷӯёни ДДБ ба номи Н. Хусрав аз рӯйи критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ дар байни гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ пеш аз озмоиш дар чунин сатҳ қарор дорад. Қисми зиёди донишӯёни курси якум дар сатҳҳои паст ва миёна қарор доранд, Дар сатҳи баланд бошад, ҳамагӣ 20 нафар донишҷӯ қарор дорад, ки мувофиқан ба 18,1% баробар аст.




**Диаграммаи 12. Тақсимоти донишҷӯёни ДДБ ба номи Н. Хусрав аз рӯйи сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ пеш аз озмоиш**

Аз ҷадвали 16 қимати $\chi^2$-ро пеш аз озмоиш ҳисоб намуда, ҳосил мекунем, яъне $\chi^2$=0,02

Қимати критикӣ барои дараҷаи озодӣ (df=2), тибқи ҷадвалҳои додашуда буда, $\chi^2$критикӣ=5,99 аст.

Ҳамин тавр, $\chi^2_{\text{ҳисобӣ}}=0,02<\chi^2_{\text{критикӣ}}=5,99$

$\chi^2_{\text{ҳисоби}}=0,02<5,99$ - фарқият байни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ аз ҷиҳати оморӣ аҳамиятнок нест ($p>0,05$).

Гурӯҳҳо пеш аз озмоиш аз ҷиҳати оморӣ баробар мебошанд.

**Ҷадвали 17. Тақсимоти донишҷӯёни ДДБ ба номи Н. Хусрав аз рӯйи сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ баъд аз озмоиш**

| Сатҳ | Гурӯҳи озмоишӣ | | Гурӯҳи назоратӣ | | Ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | шумора | % | шумора | % | шумора | % |
| Паст | 24 | 21,8 | 34 | 37,8 | 58 | 29,0 |
| Миёна | 52 | 47,3 | 33 | 36,7 | 85 | 42,5 |
| Баланд | 34 | 30,9 | 23 | 25,5 | 57 | 28,5 |
| Ҳамагӣ | 110 | 100 | 90 | 100 | 200 | 100,0 |

Аз ҷадвали 17. бармеояд, ки баъд аз озмоиш дар гурӯҳи озмоиши сатҳи паст аз 50 нафар ба 24 нафар расида, 26 нафар кам шуда, мувофиқан аз 45,5% ба 20,0% коҳиш ёфтааст. Сатҳи баланд бошад дар гурӯҳи озмоишӣ аз 20 нафар ба 34 нафар расида, мувофиқан аз 18,2% ба 30,9% афзудааст. Дар гурӯҳи назоратӣ бошад тағйирёбӣ дар сатҳҳои гуногун он қадар назаррас нест.




**Диаграммаи 13. Тақсимоти донишҷӯёни ДДБ ба номи Н. Хусрав аз рӯйи сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ баъд аз озмоиш**

Аз ҷадвали 8888 қимати $\chi^2$-ро пеш аз озмоиш ҳисоб намуда, ҳосил мекунем, яъне $\chi^2$=6,47

Қимати критикӣ барои дараҷаи озодӣ (df=2), тибқи ҷадвалҳои додашуда буда, $\chi^2_{критикӣ}$=5,99 аст.

Ҳамин тавр, $\chi^2_{ҳисобӣ}$=6,4> $\chi^2_{критикӣ}$=5,99

$\chi^2_{ҳисоби}$=6,47>5,99 - фарқият байни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ аз ҷиҳати оморӣ аҳамиятнок мебошад ($p<0,05$).

Натиҷаҳои муқоисавии бадастомада нишон медиҳанд, ки дар гурӯҳҳои озмоишӣ пас аз татбиқи дастгирии психологӣ-педагогӣ афзоиши назарраси сатҳи баланд ва коҳиши сатҳи паст ба мушоҳида мерасад. Дар ҳоле

ки дар гурӯҳҳои назоратӣ тағйирот нисбатан камтар ва асосан дар доираи тағйироти табиӣ ба назар мерасад.

Таҳили оморӣ нишон дод, ки:

- пеш аз озмоиш дар ҳарду муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фарқиятҳои оморӣ вуҷуд надоранд (p>0,05), тақрибан дар як сатҳ қарор доштани гурӯҳҳоро тасдиқ мекунад.
- баъд аз озмоиш фарқиятҳо аҳамиятнок гардиданд (p<0,05), ки таъсири мусбати модели дастгирии психологӣ-педагогӣ ва самаранокии методҳои татбиқшуда ва дурустии модели пешниҳодшударо тасдиқ менамояд.

Натиҷаҳои бадастомада эътимоднокии хулосаҳои таҳқиқот ва дурустии фарзияи илмиро тақвият медиҳад.

## Хулоса

Тадқиқоти гузаронидашуда оид ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси ба раванди таълим ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсияти онҳо имкон дод **хулосаҳои** зерин бароварда шаванд:

1. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълим дар донишгоҳҳо бо омодагии фаъолонаи онҳо барои қабул кардани тарзи нави зиндагӣ, хусусиятҳои хоси раванди таълими донишгоҳӣ, густариши доираи муошират бо шахсони нав ва инчунин татбиқи эҷодии имкониятҳои худ дар соҳаҳои илмӣ, ҷамъиятӣ, варзишӣ ва фароғатӣ алоқаманд мебошад [1-М].

2. Муайян гардид, ки шакл ва усулҳои муҳиму самараноки мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳит ва шароити таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз маҳоратҳое чун ташкили фаъолияти таълимӣ ва илмӣ, таҳия ва риояи низоми муносиби кор ва истироҳат, ташаккул ва густариши робитаҳои иҷтимоӣ, арзёбии шахсии ширкаткунандагони раванди таълим, худтанзимкунӣ ва арзёбии худ мутобиқи мақоми донишҷӯӣ иборат мебошанд [5-М].

3. Мушаххас шуд, ки шартҳои асосии мутобиқшавии бомуваффақияти донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ дар донишгоҳҳо иборатанд аз: фароҳам овардани муҳити рушди шахсияти донишҷӯён дар раванди ҳамкорӣ ва фаъолияти муштарак дар соҳаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, маишӣ ва коммуникативӣ; ташкили фаъолияти махсус, ки ба ташаккули иқтидори эҷодӣ ва худреализатсияи донишҷӯёни курси якум тавассути иштирок дар озмунҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳо, конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва чорабиниҳои варзишӣ ва фароғатӣ нигаронида шудааст [4-М].

4. Раванди ташаккули мутобиқшавии бомуваффақияти донишҷӯёни курси якуми таълим ба раванди таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ: ташхиси сатҳи ибтидоии мутобиқшавӣ, ташаккул ва инкишофи сифатҳои мутобиқшавӣ бо дарназардошти механизмҳои созгор шудан ва мувофиқат кардани донишҷӯёни курси якум ба шароити таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ татбиқи фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва таълимӣ-тарбиявӣ, соҳаҳои иҷтимоӣ, дидактикӣ, фароғатии фаъолияти ҳаётиро дар бар мегирад, ки аз ҷониби роҳбарияи муассисаи таҳсилот, ҳайати устодону омӯзгорон, фаъолони донишҷӯ анҷом дода мешавад [2-М].

5. Ҳамчун нишондиҳандаҳои мутобиқшавии бомуваффақияти донишҷӯёни курси якуми таълим ба раванди таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ: иштирок дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ҷамъиятӣ, маҳорату малакаҳои коммуникативӣ ва бунёд намудани муносиабтҳои мусбати байнишахсиятӣ дар муҳити нави иҷтимоӣ, ташаккулёбии маҳорату малакаҳои худташкилкунӣ, худинкишофдиҳӣ, худназораткунӣ ва худбаҳодиҳӣ амал мекунанд [3-М].

6. Таҳлилу баррасии адабиёти педагогию психологӣ ва амалияи мактаби олии омӯзгорӣ имкон медиҳад тасдиқ карда шавад, ки навсозии таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ба амиқгардонии назарраси тайёрии бунёдӣ ва касбии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ нигаронида шуда, тағйироти куллӣ дар хусусияти ҳамкории субъектҳои раванди таҳсилотӣ ва шиддатнок сохтани онро талаб мекунад. Дар вазъияти мазкур масъалаи мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба раванди барои онҳо нави таҳсилотии мактаби олии омӯзгорӣ аз рӯзҳои аввали таълим махсусан муҳим ба ҳисоб меравад [6-М].

7. Тадқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки яке аз вазифаҳои асосии ҳар як муассисаи таҳсилоти олӣ кор бо донишҷӯёни соли якум мебошад. Аз ин рӯ дар тадқиқоти мазкур кӯшиш ба харҷ дода шуд масъалаи мутобиқсозиии зуд ва самарабахши онҳо ба шароити таълим ва низоми муносибатҳои чамъиятӣ, азхуд намудани нақши нави иҷтимоии донишҷӯён мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шавад. Дар фаъолияти муассисаи таҳсилоти олӣ, ки ба мутобиқсозиии донишҷӯёни соли якум ба муҳити нави таълимии онҳо дар мактаби олии омӯзгорӣ нигаронида шудааст, истифодаи амсила, методу усулҳо, шаклу воситаҳои дахлдори кори педагогӣ ва тарбиявӣ мувофиқи мақсад мебошад [2-М].

8. Таҳлилҳо нишон доданд, ки ташкили дурусти раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум дар мактабҳои олии омӯзгорӣ ба беҳтар шудани мутобиқшавӣ ба шароити таълим ва афзоиши натиҷаҳои таълимӣ оварда мерасонад. Мутобиқшавии донишҷӯён тавассути унсурҳои гуногун, аз қабили арзишҳо ва ҳавасмандӣ, усулҳои ташкилӣ ва педагогӣ, фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ, инчунин таҷрибаомӯзӣ таъмин гардида, ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар ҳама шаклҳои фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ дар донишгоҳ фаъолона иштирок намоянд [3-М].

9. Хулосаҳои бадастомада собит месозанд, ки такмили мақсадноки мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити нави таълимӣ ва баланд бардоштани сатҳи дониши онҳо яке аз роҳҳои муҳимми ҳалли мушкилоти ҷории соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Синну соли донишҷӯӣ давраи рушди фаъоли ҳиссиёти ахлоқию маънавӣ ва зебоишиносӣ, ташаккул ва устувории хислатҳои шахсиятӣ, азхудкунии маҷмуи пурраи нақшҳои иҷтимоии шахси калонсол, аз қабили: шаҳрвандӣ, касбӣ-меҳнатӣ ва ғайра тавсиф мешавад. Дар ин синну сол тараққиёти баландтарини қувваҳои зеҳнӣ ва ҷисмонии марди ҷавон ба амал меояд. Агар дар курси якум ба раванди таълими фанҳои педагогӣ дуруст ба роҳ монда шавад, пас он сифатҳое аз қабили: мақсаднокӣ, қатъият, суботкорӣ, мустақилӣ, ташаббускорӣ, маҳорату малакаҳои худидоракунӣ метавонанд ташаккул ёфта рушд кунанд. Қайд кардан зарур аст, ки сифатҳои мазкур дар

синфҳои болоӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба андозаи пурра кофӣ набуда, дар синну соли мазкур ба таври назаррас таҳким меёбанд [4-М].

10. Гирифтани маълумоти олӣ ба ташаккули шахсияти ҷавон ва вазъи рӯҳии ӯ таъсири назаррас мерасонад. Барои комёбӣ дар донишгоҳ, доштани сатҳи баланди рушди ақлӣ, аз қабили дарки атроф, тасаввурот, қобилияти таҳлил ва муқоиса, хотираи қавӣ, маълумоти васеъ, таваҷҷуҳ, ҳавасмандӣ нисбат ба омӯзиш ва дониши хуби мантиқӣ муҳим аст. Бо андаке паст шудани ин сатҳ, ҷуброн аз ҳисоби афзоиши қобилияти корӣ ё ҳавасмандӣ, суботкорӣ, дақиққорӣ ва бодиққатӣ дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ имконпазир мебошад. Аммо ҳадди чунин коҳишёбӣ низ мавҷуд аст, ки зимни он механизмҳои ҷубронкунанда кӯмак карда натавониста, чун натиҷа, донишҷӯ аз уҳдаи мушкилоте, ки дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ~маърифатиаш ба вуҷуд меоянд, баромада наметавонад [2-М; 8-М].

11. Бо дарназардошти хусусиятҳои синну соли донишҷӯӣ ва хусусиятҳои мактаби олии омӯзгорӣ мо зарур мешуморем, ки мафҳуми «мутобиқшавии донишҷӯи соли якум ба раванди таҳсилоти педагогӣ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии мутобиқшавии донишҷӯёни соли якум дониста шавад, ки қобилияти шахсро барои мутобиқшвии иҷтимоӣ дар шароити барои он нави таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ иъикос мекунад. Ин нишондиҳанда ташаккули арзишҳои маърифатӣ, қабули шартҳои муҳити нави таълим, азхудкунии маҷмуаи донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо, рушди фаъолияти таълимӣ, омодагӣ ба ҳалли мустақилонаи масъалаҳои таълимӣ ва касбӣ, ҳамчунин рушди қобилияти баҳодиҳии худ, назорат ва таҳлили фаъолияти донишҷӯро дар бар мегирад [6-М; 7-М].

12. Таҳлил ва баррасии натиҷаҳои ташхиси сатҳи мутобиқшавии донишҷӯён маълум кард, ки дар давоми семестри якум фаъолият оид ба мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум натиҷабахш будааст. Чун натиҷа, он ба ташаккул ва рушди салоҳиятҳои касбии донишҷӯён таъсири мусбат расонидааст. Натиҷаҳои тадқиқот собит карданд, ки раванди махсус ташкилшудаи таълими фанҳои педагогӣ дар курси якум, ки ба мутобиқшавии донишҷӯён мусоидат мекунад, ба сифати амсилаи раванди таълими мактаби олии омӯзгорӣ амал мекунад. Амсилаи мазкур динамикаи мусбатродар рушди мутобиқшавӣ ва баланд бардоштани нишондиҳандаҳои таълимии донишҷӯён таъмин мекунад. Амсилаи пешниҳодшуда универсалӣ буда, онро дар раванди омӯзиши фанҳои гуногун дар муассисаи таҳсилоти олӣ истифода кардан мумкин аст [4-М].

13. Мушоҳидаҳои тӯлонӣ нишон доданд, ки донишҷӯёне, ки дар солҳои 2019 ва 2020 ба донишгоҳ қабул шуда, дар соли аввали таҳсил мутобиқшавии хуб ва миёна доштанд, то соли 2023 дар курсҳои 3 ва 4 бомуваффақият таҳсил мекарданд. Ин донишҷӯён дар чорабиниҳои илмӣ, тадқиқотӣ ва фарҳангӣ, ки аз ҷониби донишгоҳ ташкил мешуданд, иштироки фаъол доштанд [3-М].

### Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада барои мутобиқшавии бомуваффақияти донишҷӯёни соли якум аз ҷониби мо **пешниҳодоти** зерин ироа мешаванд:

1) ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ ва нақшаҳои дарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, бояд мушкилоти мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ ба назар гирифта шавад;

2) истифодаи усулҳои гуногуни таълим, ки на ба азхудкунии рӯякӣ, балки ба омӯзиши амиқи фанҳо нигаронида шудаанд. Ҳадаф аз ин, ба донишҷӯёни курси якум додани дониш ва малакаҳо оид ба муайян кардани сабабҳои аслӣ ва дараҷаи дуюм, оқибатҳо ва ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои мавриди баррасӣ мебошад;

3) барои донишҷӯёни курси якум ташкил ва гузаронидани курси «Муқаддима ба ихтисос» муҳим аст. Дар доираи ин курс, донишҷӯён бояд дар бораи ихтисоси интихобкардаашон, усулҳои таълим, намуд ва мӯҳлати назорати ҷорӣ ва ҷамъбастии донишҳо, шакли таҳияи ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ ва пешниҳоди онҳо маълумот гиранд ва тасаввуроти возеҳе дар бораи фаъолияти минбаъдаи худ пайдо намоянд;

4) таҳия ва истифодаи низомҳои тренингҳои таълими мутобиқшавӣ ба раванди таълимӣ дар муҳити нави таълимӣ барои донишҷӯёни соли якум;

5) баланд бардоштани нақши кураторҳоиланд бардоштани нақши кура дар мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба муҳити нави таълимӣ;

6) ҷалби васеъ ва фаъолонаи донишҷӯёни соли якум ба ҳаёти ҷамъиятию фарҳангии донишгоҳӣ.

Ба назари мо, раванди мутобиқсозии донишҷӯён бояд мавриди таваҷҷуҳи махсуси маъмурияти муассисаи таҳсилоти олӣ, хадамоти иҷтимоӣ-педагогӣ ва психологӣ қарор гирад. Омӯзиши мутобиқшавии донишҷӯён, аз як тараф, имкон медиҳад, мушкилоти мавҷуда ташхис карда шуда, тадбирҳои кам кардани давраи мутобиқшавӣ таҳия карда шаванд ва, аз тарафи дигар, зарур аст донишҷӯёни мутобиқнашуда дар марҳилаҳои аввал бо мақсади ислоҳи усулҳои мутобиқ кардани онҳо ба муассисаи таҳсилоти олӣ муайян карда шаванд.

Барои бомуваффақият пеш рафтани раванди мутобиқшавӣ ва сари вақт бартараф намудани мушкилоте, ки дар марҳилаи ибтидоии таълим ба миён меоянд, дар раванди ташкили кори тарбиявӣ бо донишҷӯён таҳия ва татбиқи барномаи «Мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум» мувофиқи мақсад мебошад. Барномаи мазкур бояд, дар навбати аввал, кӯмак ба донишҷӯёни курси якум дар раванди мутобиқшавии онҳо ба шароити нави зиндагӣ ва фаъолият, ҳалли мушкилоти дигари мубрами донишҷӯёни курси якум дар марҳилаи ибтидоии таҳсил дар мактаби олии омӯзгорӣ нигаронида шавад.

Самтҳои татбиқи барномаи «Мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум» бояд аз кори иттилоотию шиноскунӣ бо таърих, таҷрибаи корӣ ва анъанаҳои муассисаи таҳсилоти олӣ, факултет, роҳнамо оид ба муассисаи таҳсилоти олӣ, вохӯриҳо бо маъмурияти муассисаи таҳсилоти олӣ, ҳайати омӯзгорони факултет, доираи самтҳои кори беруназаудитории тарбиявии муассисаи таҳсилоти олӣ ва ғайра иборат бошанд;

- равшаннамоии психологӣ (муаррифии фаъолияти хадамоти иҷтимоию педагогӣ ва психологии муассисаи таҳсилоти олӣ, лексияҳои муқаддимавӣ барои донишҷӯён дар доираи ҳафтаи тамоюлдиҳӣ оид ба истифодаи оқилонаи

вақт ва ташкили фазои корӣ, фароҳам овардани микрофазои мусоид дар гурӯҳи таълимӣ, хобгоҳ ва ғайра);

- машваратҳои инфиродии психологӣ ба донишҷӯён ҳангоми ба миён омадани намудҳои гуногуни мушкилот;

- кори иҷтимоӣ, ки тарғиби фаъолонаи тарзи ҳаёти солим, тартиб додан ва таҳлилу баррасии шиносномаҳои иҷтимоии гурӯҳҳои таълимиеро дар бар мегирад, ки дар он ҳамаи категорияҳои донишҷӯён, аз ҷумла онҳое, ки тибқи қонун аз имтиёзҳо истифода мекунанд, инъикос ёфтаанд. Ҳамаи ин имкон медиҳад ба донишҷӯён ба дастгирии иҷтимоӣ таври суроғавӣ, саривақтӣ ва самаранок расонида шуда, барои онҳо кӯмаки психологӣ дар давоми тамоми давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ таъмин карда шавад.

Ниҳоят, тадқиқоти мазкури диссертатсионӣ на ҳамаи масъалаҳои марбут ба мутобиқшавии иҷтимоӣ ва иҷтимоишавии донишҷӯёни курси якумро дар раванди таҳсилоти олии омӯзгорӣ фаро гирифтааст, аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ аст тадқиқоти илмӣ-тадқиқотии минбаъда дар самтҳои: ҳалли масъалаҳои таъмини робитаи муттасилӣ миёни муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаи таҳсилоти олӣ дар ҳамоҳангсозӣ ва ташаккули тайёрии довталабон ба курсии донишҷӯӣ; омӯзиши масъалаи тайёрии донишҷӯён ҳамчун омӯзгорони оянда ба рушди мутобиқшавии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар гурӯҳҳои синнусолии гуногун гузаронида шаванд.

## МУНДАРИҶАИ АСОСӢ ВА НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ДИСЕРТАТСИОНӢ ДАР ИНТИШОРОТИ МАЗКУР БА ТАБЪ РАСИДААНД:

### *1. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсиянамудаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:*

[1-М]. Раҷабов Д.А. Хусусиятҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии донишҷӯёни соли якум ба шароити муассисаи таҳсилоти олӣ [Матн] /Д.А. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2023. №12.- С.242-249. ISSN 2074-1847.

[2-М]. Раҷабов Д.А. Масъалаҳои мутобиқшавии донишҷӯёни соли якум ба раванди таҳсилотӣ дар мактаби олии омӯзгорӣ [Матн] /Д.А. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2024. №6. - С.254-264. ISSN 2074-1847.

[3-М]. Раҷабов Д.А. Тамоюлҳои муосири рушди таҳсилоти олии педагогӣ дар шароити нави иҷтимоӣ [Матн] /Д.А. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. 2024. №1 (34). - С.226-234. ISSN 2616-5260.

[4-М]. Раҷабов Д.А. Масъалаҳои фаъолияти таҳсилию маърифтӣ ва арзёбии муваффақияти таълимии донишҷӯёни соли якуми таҳсилоти олӣ [Матн] /Д.А. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи забонҳо. 2023. №4 (52). - С.273-280. ISSN 2226-9355.

[5-М]. Раҷабов Д.А. Моҳият ва хусусиятҳои мафҳуми «мутобиқшавӣ» дар адабиёти психологию педагогӣ [Матн] /Д.А. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. 2023. №4-2 (18). - С.40-46. ISSN 2708-5759.

[6-М]. Абдурашитов Н.Ф., Раҷабов Д.А. Мушоияти психологию педагогии донишҷӯёни курси якум дар раванди мутобиқшавии онҳо ба талаботи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2023. №4 (44). - С.31-41. ISSN 2617-5320.

[7-М]. Раҷабзода Д.А. Моҳият ва мушкилоти мутобиқшавии донишҷӯёни соли аввал ба раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо [Матн] / Д.А. Раҷабзода / Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. 2025. № 1/3 (137). – С. 280–286. ISSN 2663-5534.

***2. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаву нашрияҳо ба чоп расидаанд*:**

[8-М]. Раҷабов Д.А. Асосҳо ва василаҳои мутобиқшавии донишҷӯёни соли якум ба шароити муассисаи таҳсилоти олӣ ва самаранокии донишазхудкунии онҳо // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методии «Масъалаҳои мубрами таълими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бахшида ба 115-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академие Бобоҷон Ғафуров. Душанбе. 2023. - С.242-248.

[9-М]. Раҷабзода Д.А. Мушкилоти мутобиқшавии донишҷӯёни соли якум ба раванди таълим дар донишгоҳи педагогӣ. [Матн] / Д.А. Раҷабзода // Маҷмуаи маводи озмуни байналмилалии «Беҳтарин кори илмӣ». Маҷаллаи илмии байналмилалӣ. «Endless Light in Science». 2024. №1. – С.222-233. irc-els.com.

[10-М]. Раҷабов Д.А. Мо ҷавонон пайравони пешвои миллатем. [Матн] /Д.А. Раҷабов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши ҷавонон дар таҳкими сулҳу суботи Тоҷикистон» Душанбе. 2024. – С.223-229.

[11-М]. Раҷабзода Д.А. Масъалаҳои мубрами тарбия ва таҳсилоти таълимгирандагон. [Матн] /Д.А. Раҷабов // Маҷмуи маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон дар партави суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба «Рӯзи дониш» таҳти унвони «Нақш ва масъалияти омӯзгор дар замони истиқлол» Душанбе. 2025. – С.229-233.

[12-М]. Раҷабзода Д.А. Назарияҳои психологӣ-итҷтимоӣ оид ба хусусиятҳои оила [Матн] /Д.А. Раҷабов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Масъалаҳои иҷтимоӣ-психологии низоъҳои оилавӣ ва роҳҳои бартарафсозии онҳо. Душанбе. 2025. - С.244-251.

**МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ САДРИДДИНА АЙНИ**

***На правах рукописи***

**УДК: 371+378 (575.3)**
**ТКБ: 74.200+74.58 (2 тадж.)**
**Р – 47**

**РАДЖАБЗОДА ДИЛШОД АМИРАЛИ**

# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ АДАПТАЦИИ СТУДЕНТОВ К ОБРАЗОВАТЕЛЬНО-ВОСПИТАТЕЛЬНОЙ СРЕДЕ КАК ОСНОВА СОЦИАЛИЗАЦИИ ЛИЧНОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**АВТОРЕФЕРАТ**
**диссертации на соискание учѐной степени кандидата педагогических наук по специальности 5.3.9. Теория, методика и организация социально-культурной деятельности (социальная педагогика)**

**ДУШАНБЕ - 2026**

Диссертация выполнена на общеуниверситетской кафедре педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

**Научный руководитель:** **Мансурова Джамила Сулаймоновна** - кандидат педагогических наук, доцент, заведующая общеуниверситетской кафедрой педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

**Официальные оппоненты:** **Шарофзода Шавкат Ахмад** - доктор педагоги-ческих наук, профессор кафедры социальной и профес-сиональной педагогики Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова

**Ошимова Махбуба Машарифовна** – кандидата педагогических наук, доцент кафедры общеуниверситетской психологии Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода

**Ведущая организация:** **ГОУ “Дангаринский государственный университет”**

Защита диссертации состоится «29» октября 2026 года, в 13:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-030 при Институте развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана (734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. А.Адхамова, 11/2, e-mail: sharifa.kotibova@mail.ru; тел.: 227 62 46; 55 999 31 20).

С диссертацией можно ознакомиться в библиотеке и на сайте диссертатсионного совета Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана (https://shurodis-prmatt.tj)

Автореферат разослан «25» сентября 2026 г.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета, к.п.н., доцент** **Котибова Ш. П.**

# ВВЕДЕНИЕ

Поступление в высшее учебное заведение связано для молодого человека не только с началом профессиональной подготовки, но и с необходимостью освоения новой системы социальных отношений, требований и норм академической жизни. Изменение привычных условий обучения, расширение круга общения, увеличение объѐма самостоятельной работы и ответственность за результаты собственной образовательной деятельности требуют от студента перестройки сложившихся способов поведения и взаимодействия с окружающей средой.

Практика работы высших учебных заведений показывает, что процесс включения студентов в образовательную среду протекает неодинаково. Одни обучающиеся сравнительно быстро осваиваются в новых условиях, тогда как другие испытывают затруднения при организации учебной деятельности, взаимодействии с преподавателями и однокурсниками, планировании собственного времени и профессиональном самоопределении. Подобные трудности нередко отражаются на результатах обучения, мотивации и отношении студентов к избранной профессии.

Вопросы адаптации студентов неоднократно рассматривались в педагогических, психологических и социологических исследованиях. Вместе с тем анализ научной литературы свидетельствует об отсутствии единого подхода к определению педагогических условий, обеспечивающих успешное вхождение обучающихся в образовательную среду вуза. Недостаточно изученными остаются особенности взаимосвязи адаптационных процессов и социализации личности студента, а также возможности педагогического сопровождения данного процесса в условиях современного высшего образования.

Необходимость более глубокого изучения указанных вопросов определяется как потребностями образовательной практики, так и сохраняющимися научными дискуссиями относительно механизмов адаптации студентов. Это обусловливает обращение к исследованию педагогических особенностей адаптации студентов к образовательной среде как одному из факторов их социализации и профессионального становления.

**Степень разработанности научной проблемы.** Вопрос показателей адаптации на сегодняшний день остаѐтся дискуссионным. В научной литературе представлены различные подходы к определению критериев социальной адаптации. Большинство исследователей, таких как А.А. Реан, А.Р. Кудашев, А.А. Баранов и др., рассматривая различные аспекты социализации, объединяют еѐ критерии в две основные группы - объективные и субъективные, которые, в зависимости от научных позиций авторов, в свою очередь подразделяются на отдельные категории [40].

В работах ряда исследователей - Л.С. Выготского [11], С.Л. Рубинштейна [42], Б. Г. Ананьева [2], А. Н. Леонтьева [30] - рассматриваются вопросы социализации личности.

По мнению В.С. Ильина и В.А. Никитина, «эффективность образовательного процесса и успешная социализация личности зависят от того, насколько быстро и успешно студент адаптируется к новым социальным условиям» [36].

Философ Г.И. Сарегородцев рассматривает: «...социальную адаптацию как одну из закономерностей общественной жизни, включающую активную преобразующую деятельность человека и двусторонний процесс: приспособление биологической системы к среде и активное изменение самой среды» [50]. В.В. Антипов [5], М.И. Бобнева [9], Р.Ф. Ихсанов [37], А.Л. Журавлев [16], А.Н. Леонтьев [30], А.В. Петровский [36], Е.В. Шорохова [55] считают, что процесс социальной адаптации необходимо анализировать через личностные характеристики и направленность индивида. Именно на этой основе строится работа по индивидуализации адаптационного процесса. Представители социальной педагогики и психологии - И.З. Коган, Е.С. Кузьмин [22], Б.Д. Парыгин [34], А.А. Реан [41], А.Т. Свенцицкий [43] и др. - подчѐркивают, что именно активная деятельность человека по преобразованию окружающей среды составляет сущность социальной адаптации [34; 40].

Однако для решения данной проблемы в педагогической науке до настоящего времени отсутствует целостная теоретическая и практическая база. Вопросы адаптации студентов к образовательному процессу в высших учебных заведениях в основном рассматривались в русле социальной адаптации в работах Д.А. Андреевой [4], П.А. Просецкого [35], Г.И. Сарегородцева [50] и др., а с физиологической точки зрения - в исследованиях В.М. Дугинетс [15], И.А. Зимней [19] и других.

